# Баррасии Китоби Муқаддас

Вилям Мак Доналд

Курси Аммоус

**Дарсҳо барои омӯзиш:**

1. Сарчашмаҳои таърихи Китоби Муқаддас (Ҳастӣ-Хуруҷ).
2. Дар роҳ ба Канъон (Ибодат – Еҳушаъ ибни Нун)
3. Мо подшоҳ мехоҳем (Доварон – 2Подшоҳон).
4. Сарнагуншавии ҳокимияти мутлақ[1] (3 ва 4Под. – Эстер)
5. "Дили худро ба Ман деҳ!" (Айюб – Суруди сурудҳои Сулаймон).
6. Пайғамбарони калон (Ишаъё – Дониёл).
7. Пайғамбарони Хурд (Ҳушаъ – Мико).
8. Боз якчанд сухан дар бораи Пайғамбарони Хурд (Наҳум – Малокӣ).
9. Масеҳ ва Калисои Ӯ (Инҷил – Аъмол).
10. Номаҳои ҳавворӣ Павлус (Румиён – Ғалотиён).
11. Боз якчанд номаҳои Павлус (Эфсӯсиён – Филемӯн)
12. Бедор ва интизор бош (Ибриён, Яъқуб, 1Петрус, 2Петрус, 1Юҳанно, 2Юҳанно, 3Юҳанно, Яҳудо, Ваҳй).

---

* *Монархия*

## Дарси 1

### САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИ КИТОБИ МУҚАДДАС

### Ҳастӣ

Китоби Муқаддас таърихи инкишофи ҷаҳон ё ҷамъияти одамон намебошад. Мазмуни Китоб аз ҷониби худи Худо муайян шудааст, то ки инкишофи нақшаи Худоро барои одам ва наҷоти ӯ нишон диҳад. Бинобар ин баъзе воқеаҳои муҳим сарфи назар шудаанд, дар ҳоле ки воқеаҳои беаҳамият ба назар гирифта шудаанд, зеро онҳо расонандаи сарнавишти Илоҳӣ ҳастанд.

Китоби якуми Китоби Муқаддас чизҳои зеринро тасвир мекунад: офариниш, гуноҳи Одаму Ҳавво, тӯфон, бурҷи Бобил,* ҳаёти Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб ва Юсуф.

Ягона тасвири ҳаққонии пайдоиши одам ва Коиноте ки ӯ дар он сокин аст, дар ду боби аввали китоби Ҳастӣ ҳаст. Сипас пайдоиши гуноҳ дар миёни одамон ба воситаи Одаму Ҳавво дар боғи Адан тасвир мешавад. Дар ин вақт Худованд ваъда дод, ки Масеҳ меояд (3:15). Ба воситаи тамоми нақли минбаъдаи Аҳди Қадим мо метавонем асли одамии Наҷоткорро дида бароем; ин яке аз фикрҳои асосӣ дар Китоби Муқаддас мебошад.

Дар давоми асрҳо пас аз гуноҳи Одаму Ҳавво бадахлоқии одамизод чунон зиёд шуд, ки Худованд ба замин тӯфон фиристод, то тамоми одамизодро,

---

* *Манораи баланд, ки онро одамон барои номи худ сохтанӣ буданд.*

ғайр аз Нӯҳ ва оилаи вай, нобуд кунад. И воқеа камаш пас аз 1600 соли офариниши одам, ва шояд дертар ҳам рӯй дод. Пас аз тӯфон одамон боз зидди Худо бархоста, беитоатии ошкори худро дар бино кардани бурҷи Бобил нишон доданд. Худо ба воситаи омехта кардани забонҳои онҳо ва пароканда кардани халқҳо дар сар то сари замин одамонро ҷазо дод.

Дар боби 12-ум 400 сол баъди Нӯҳ Худо Иброҳимро аз Ури Калдониён даъват намуд[1].




---

[1] Дар Китоби Муқаддас Калдон дертар чун Бобил зикр карда мешавад. Имрӯз ин кишвар чун Ироқ маъруф аст.

Ин муҳим аст, чунки воқеаи мазкур оғози халқи Исроилро қайд мекунад, ки аз ҷониби Худо интихоб шудааст. Худованд ба Иброҳим ваъда додааст, ки ӯ падари халқи бузург хоҳад шуд, ки ба наслҳои вай замини Канъон то абад дода хоҳад шуд ва Масеҳ аз насли вай хоҳад баромад. Қариб тамоми нақли минбаъдаи Аҳди Қадим дар асл ба тасвири муносибати Худо бо халқи Худ бахшида шудааст. Ҳамчунин, аз боби 13 сар карда, ҷои рӯй додани аксари ҳодисаҳо ба ғайр аз ду воқеаи асосӣ Канъон мебошад, ки дертар зикр хоҳанд шуд.

Сипас мо дар бораи писари Иброҳим Исҳоқ, таваллуди вай, аз марг раҳоӣ ёфтани вай дар кӯҳи Мӯриё ва издивоҷаш бо Ривқо мефаҳмем. Онҳо соҳиби писарон шуданд: Эсов ва Яъқуб, ки охиринаш вазифаи асосиро иҷро хоҳад кард.

Дар Китоби Муқаддас аз ҳаёти Яъқуб ҳодисаҳои зиёд тасвир мешаванд ва ҳар яке аз онҳо барои омӯзандагони Каломи Худо дарси пурарзиш мебошад. Ба ҳар ҳол, аз нуқтаи назари пешравии таърих, нақши асосиро он факт мебозад, ки Яъқуб падари дувоздаҳ писар буд ва аз онҳо, дар навбати худ, дувоздаҳ сибти Исроил[1] ба вуҷуд омаданд, ки дар оянда онҳоро чунин меномиданд. Ана номҳои писарон мувофиқи таваллудшавии онҳо: Реубен, Шимъӯн, Левӣ, Яҳудо, Дон, Нафтолӣ, Ҷод, Ошер, Иссокор, Забулун, Юсуф ва Бинёмин.

Акнун муаллиф дар бораи Юсуф нақл мекунад.

[1] Миллат умуман бисёр вақт Исроил номида мешавад.

Ӯ бобокалони Худованди мо Исои Масеҳ[1] набуд, лекин дар ҳаёт ва хизмати худ хислат ва хусусиятҳои Наҷоткорро аз дигар қаҳрамонони Аҳди Қадим хеле равшантар нишон дод.

Азбаски Юсуф писари дӯстдоштаи падар буд, пеши бародарони худ нафратзада буд ва ба тоҷирони мидёнӣ, ки ба Миср раҳсипор буданд, фурӯхта шуд. Дар ин кишвар вай дар корҳои худ зуд комёб шуда, дар дарбори фиръавн мақоми баландро ишғол кард. Вақте баъд аз якчанд сол ба Канъон қаҳтӣ омад, писарони Яъқуб шуниданд, ки дар Миср нон харидан мумкин аст, ва ҳама якҷоя ба он ҷо раҳсипор шуданд. Китоби Ҳастӣ бо тасвири марги Юсуф дар Миср, пас аз қариб 270 сол аз рӯзе ки Худованд Иброҳимро даъват кард, хотима меёбад.

## Хуруҷ

Пас аз марги Юсуф дар Миср ба сари ҳокимият фиръавни наве омад, ки нисбат ба халқи яҳуд бераҳмона муносибат карда, онҳоро ба ғуломон табдил дод. Дар ин солҳо Худованд Мусоро даъват намуда, ба вай фармуд, ки назди фиръавн рафта, барои халқи Исроил озодӣ биталабад. Вақте ки ҳоким розӣ нашуд, Худо ба Миср нӯҳ мусибатро равон кард, аммо фиръавн аз онҳо сарфи назар кард; вай халқро озод накард.

Ва он гоҳ Худованд мусибати даҳумро фиристод: марги нахустзодагон дар ҳар

[1] Масеҳ аз насли бародари вай, Яҳудо, баромад.

хонаи Миср, ғайр аз он хонаҳое ки болодарӣ ва паҳлудариҳояшон бо хуни барраи фисҳ молида шуда буданд. Мисриён ба амрҳои Худо гӯш надоданд, ва марг ба ҳар як оила даромад. Исроилиён бошад паҳлудариҳои дарҳои худро молида, наҷот ёфтанд. Ва он гоҳ Мусо қавмро аз Миср берун баровард, аммо лашкари фиръавн аз пайи исроилиён шитофтанд. Худованд мӯъҷиза нишон дод, вақте ба баҳри Сурх фармуд, ки ҷудо шавад ва баҳрро ба хушкӣ табдил дод, то халқи Ӯ гузашта тавонад. Мисриён аз пайи онҳо рафтанд, аммо об ба ҷои худ баргашта, лашкари фиръавнро фурӯ бурд.

Оилаи Иброҳим ба воситаи писараш Исҳоқ ва наберааш Яъқуб халқи сершумори иборат аз ду миллион нафар шуданд, ки акнун барои рафтан ба замини ваъдашуда тайёр буданд. Ба худ тасаввур кунед, ки чӣ тавр онҳо аз биёбони беҳосил бо шумораи зиёди чорвои хурду калон гузашта, барои дам гирифтан дар ҷойҳои гуногун ист мекарданд!

Худованд бошад пеш-пеши онҳо дар сутуни абр мерафту, шабона бошад, дар сутуни оташин.

Сипас Ӯ онҳоро ба таври ғайриоддӣ, аз осмон ба онҳо манн[1] фиристода, ғизо медод. Пас аз се моҳи баромадан аз Миср, исроилиён ба биёбони Сино расида, дар он ҷо ба муддати якчанд вақт ист намуданд. Исроилиён дар домани кӯҳи

---

[1] *Донаи хурд, сафед ва гирдшакл, ки исроилиён ҳар саҳар дар замин ёфта, барои тайёр кардани нон ва кулчаҳо истифода бурда мешуд*

Сино[1] хайма зада, дар он ҷо тақрибан як солро гузаронданд. Тамоми воқеаҳое ки дар боби 19-уми китоби Хуруҷ то бобҳои 10-11-и китоби Ададҳо тасвир мешаванд, назди кӯҳи Сино рӯй медиҳанд. Акнун, вақте ки хонадони Иброҳим халқ шуда, дар замини худ сокин шуд, барои ҳал кардани ҳар гуна мунозираҳову корҳо зарурати муқаррар кардани қонунҳо ва фаризаҳо ба миён омад. Аммо сабаби асоситарини муқаррар кардани қонун аз он иборат буд, ки Худо мехост ба қавми Худ қудсияти Худ, пургуноҳии он ва чӣ тавр он метавонад ба Худо муроҷиат кунад, нишон диҳад.

Дар аввал Худо барои Исроил ба Мусо даҳ аҳком дод, ки онҳо барои ҳастии одам асос мебошанд. Илова бар ин Ӯ қонунҳои дигарро низ муқаррар намуд, ки ба ӯҳдадориҳои одам дар пеши Худо ва нисбати наздикони худ дахл доранд.

Сипас Худованд сохтмони қудс ва хаймаеро муфассалан фаҳмонд, ки дар он Ӯ бо қавми Худ будан мехост, то ки ин ҷой маркази ҳаёти динии халқ бошад. Маводе ки дар сохтмони қудс истифода бурда мешуданд, асбобу анҷомҳои дарунӣ ва тамоми чизҳои боқимонда, ки бо ин алоқаманд буданд, барои халқ аҳамият дошта, онро ба омадани Худованд Исои Масеҳ тайёр мекард.

---

[1] *Ҳамчунин кӯҳи Ҳӯриб номида мешавад. Дар замони ҳозира дар ҳудуди Арабистони Саудӣ ҷойгир аст*






XAHMAH XY,UO ,UAP EHEEOH

Барои ба ҷо овардани ибодат дар қудс коҳинон зарур буданд. Бинобар ин Худованд фармуд, ки коҳинон аз сибти Левӣ интихоб шаванд. Коҳинон бародари Мусо Ҳорун ва писарони вай шуданд. Пеш аз даромадани онҳо ба қудс либосҳо, тарзи хизматгузорӣ, ва оинҳои тақдисшавӣ муфассалан тасвир шуда буданд.

Вақте Мусо дар кӯҳи Сино ба қонунҳои Худо гӯш дода меистод, халқи Исроил қонунро вайрон карда, ба парастиши гӯсолаи тиллогин шурӯъ намуд. Вақте Мусо аз кӯҳ поён омада, инро дид, тахтасангҳои (лавҳавои) ваҳйро ба замин зада шикаст ва ба Худованд муроҷиат кард, ки халқро нобуд накунад. Баъд аз ин Худо дар кӯҳи Сино ба Мусо аз нав даҳ аҳкомро ва ҳамзамон ваъдаҳои файз ва марҳаматро дод.

Одамон барои рамзҳои қудс овардани ҳадияҳои ихтиёриро сар карданд. Вақте сохтмони қудс ба поён расид, коҳинон бар худ либос пӯшиданд ва барои оғози ибодат ҳама чиз тайёр буд. Ва абр хаймаро пӯшонида, ба ҳузури Худо дар назди қавми Худ ишорат мекард.

Китоби Хуруҷ бо тимсолҳои пандомез пур аст:

- Фисҳ наҷот ба воситаи хуни Масеҳ тасвир мекунад.
- Гузаштан аз баҳри Қулзум нишонаи он аст, ки масеҳӣ ҷаҳони пургунохро рад карда, аз он ҷудо мешавад.

- Қудс ва ибодат дар он нишон медиҳанд, ки чӣ тавр шахси имондор бо Худо муносибат дошта, ба Ӯ хизмат мекунад.
- Хизмати коҳинон нишон медиҳад, ки Исои Масеҳ чун Саркоҳин моро дар пеши тахти Худованд пешкаш мекунад.

## Варақаи санҷиши 1

Маводи гузаштаро такрор кунед.

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодуруст”-ро қайд намоед:*

1 Таърихи банӣ Исроил бо даъвати Иброҳим сар мешавад. Д Н

2 Падари дувоздаҳ писар, ки асосгузорони дувоздаҳ сибти Исроил буданд, Яъқуб буд. Д Н

3 Дарёи калон дар Байнаннаҳрайн, ки дар он Ур, ватани аввалини Иброҳим ҷойгир буд,дарёи Даҷла аст. Д Н

4 Писари Яъқубро, ки аз ғулом ба мансаби баландтар гузашт, Яҳудо меномиданд. Д Н

5 Пеш аз он ки фиръавн исроилиёнро аз ғуломӣ озод кард, Худо ба мисриён даҳ мусибатро фиристод. Д Н

6 Дар Миср фарзандони Исроил аз як оила то халқи думиллионнафара афзуданд. Д Н

7 Шариати Мусо танҳо даҳ аҳкомро дар бар мегирад. Д Н

8 Вақте хайма сохта шуд, ягона чизе ки ба Қудси қудсҳо ҷойгир шуд, сандуқи аҳд бо сарпӯш аз тиллои холис буд. Д Н

9 Коҳинони Исроил аз оилаҳои барҷастаи тамоми сибтҳо интихоб шуда буданд. Д Н

10 Хайма ва маросимҳои ба он вобаста роҳи муроҷиат ба Худоро нишон медоданд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои додашуда ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 2

### ДАР РОҲ БА КАНЪОН

### Ибодат

Китоби додашуда метавонад дастуруламал барои коҳинон бошад, ки ба Мусо аз ҷониби Худо дода шуд, ки бо вай аз хайма гап зада меистод, ҳангоме қавм назди кӯҳи Сино буданд. Мазмуни асосии ин китобро чун:

- Панҷ қурбонии сӯхтанӣ, нони тақдимӣ, қурбонии саломатӣ, қурбонӣ барои гуноҳ ва қурбонии ҷурм, ки қавм бояд ба воситаи коҳинон ба Худо оварад, ифода кардан мумкин аст.
- Маросими додани унвони коҳин ифода кардан мумкин аст.
- Қонунҳо дар бораи ҳайвоноте ки ҳамчун хӯрок барои яҳудиён раво буд, ва ҳайвоноти нопок мисли хукон ифода кардан мумкин аст.
- Қонунҳое ифода кардан мумкин аст, ки ба тозагии шахсии мардон ва занон дахл доранд.
- Дастурот барои муайян кардан ва муолиҷа намудани махав ифода кардан мумкин аст.
- Қоидаҳое ифода кардан мумкин аст, ки ба

рӯзҳои махсус, дабдабанок ва муқаддас дар ҳаёти қавм дахл доранд, ба монанди:

а) шанбе,
б) Фисҳ,
в) иди фатир,
г) иди соли якум,
д) иди Пантикост,
е) иди карнайҳо,
ж) иди покшавӣ, з)
иди хаймаҳо.

**Ададҳо**

Чунон ки мо аллакай гуфта будем, он воқеаҳое ки оиди онҳо дар порчаи 1:1 – 10:11 Ададҳо сухан меравад, дар назди кӯҳи Сино рӯй медиҳанд. Ин бобҳо дар бораи он нақл мекунанд, ки чӣ тавр қавми яҳуд барои юриш ба Канъон тайёрӣ медиданд. Аз ҳама талаби муҳим ба қавм аз он иборат буд, ки шумораи одамон ҳисоб карда шавад, чунки танҳо пас аз ин онҳо метавонистанд ба таври бояду шояд ба сафари ботартиб тайёрӣ бинанд.

Пас аз як соли ист назди кӯҳи Сино қавм дуртар равона шуд. Дар миёни мардум муҳити норозигӣ, беитоатӣ ба роҳбарон, нобоварӣ ҳукмрон буд. Ниҳоят ин гуноҳ дар Қодеш-Барнеа ба авҷи аълои худ расид, вақте ҷосусонро барои дидани замин ба Канъон фиристода буданд. Худо аллакай ин заминро ба халқи Худ ваъда кард, ва




онҳоро боварӣ кунонд, ки аз ин замин бадар хоҳад ин ҳамаи ҷосусон, ба ғайр тамоми душманонро ронд. Ва бо вуҷуди аз Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун, дертар хабар доданд, ки ин душманон мағлубнашаванда мебошанд Дар натиҷаи ин хабар ва ғавғои минбаъда Худо қарор дод, ки:

- Қавм дар биёбон 40 сол овора хоҳад гашт, ва танҳо пас аз ин ба Канъон ворид хоҳад шуд.
- Аз тамоми намояндагони ин қавм, ки синнашон аз 20 боло буд, ба Канъон танҳо Колеб ва Еҳушаъ ибни Нун медароянд. Боқимондаҳо дар биёбон мемуранд. Навиштаҷот қариб ки ҳеҷ чиз дар бораи ин оворагардии тӯлонӣ гап намезанад. Бо вуҷуди ин Китоби Муқаддас дар бораи ду воқеа зикр мекунад.
- Дар натиҷаи беитоатӣ дар Мерибо Мусо аз имконияти ворид шудан ба Канъон бо халқи худ маҳрум шуд.
- Дар натиҷаи шикваи худ қавми Исроил аз ҳамлаи морҳои хатарноки ҳалокатовар азият кашид. Танҳо онҳое зинда монданд, ки ба мори мисине менигаристанд, ки Мусо дар ходаи калон бардошт.

Пас аз оворагардии бисёрсола ва пуразоб қавм ба Қодеш-Барнеа баргашт, ва пас аз ин ба водии Мӯоб раҳсипор шуда, дар он хайма зад ва барои ба замини ваъдашуда ҳуҷум карда даромадан тайёрӣ диданро сар карданд. Ин ҷо охирин маротиба тамоми шумораи халқ ба рӯйхат гирифта шуда, оиди тақсими замине ки онҳо бояд ба он ҳуҷум карда медаромаданд, мақсадҳои ниҳоӣ муқаррар шуда буданд.

**Такрори Шариат**

Акнун пеш аз даромадан ба Канъон, исроилиён бояд аз Худо насиҳатҳои муфассалро аз ҷониби Худо мегирифтанд. Онҳо танҳо ҳамон вақт барои замини ваъдашуда хурсандӣ карда метавонистанд, агар аъмоли Худоро мефаҳмиданд, бо ниятҳои Ӯ шинос мешуданд, ба иродаи Ӯ итоат карда метавонистанд.

Ҳамин тавр, дар ин китоб Мусо таърихи қавмро умумият медиҳад ва бори дигар қонунро дида мебарояд. Ӯ бо тамоми имон онҳоро даъват мекунад, ки итоаткор бошанд ва дар бораи роҳ надодан ба бутпарастӣ ва омехташавӣ бо ғайрияҳудиён пешакӣ огоҳ мекунад. Аз замоне ки қавм аз Миср ба Канъон раҳсипор шуданд, насли нави исроилиён калон шуд, бинобар ин лозим буд, ки онҳо дар бораи хатогиҳои гузашта огоҳ шуда, бо қонун шинос шаванд.

Ба ғайр аз ин, Мусо ба онҳо қонунҳои иловагӣ ва дастуроте дод, ки ба рафтори онҳо дар замини ваъдашуда дахл доштанд, ва махсусан дар бораи бутпарастӣ, ибодат, пайғамбарони дурӯғин, интихоби подшоҳ ва ҷангҳо зикр намуд. Оқибатҳои итоаткорӣ ва беитоатӣ номбар шуда буданд.

Дар бобҳои хотимавии ин китоб ояндаи Исроил пешгӯӣ шуда буд; ва пеш аз маргаш Мусо дувоздаҳ сибти Исроилро баракат дода, аз ҷониби Худованд дар ҷои номаълум дар замини Мӯоб

гӯронида шуд, ба ҷои вай бошад Еҳушаъ ибни Нун чун роҳбари халқ даъват шуд.

## Еҳушаъ ибни Нун

Вазифаи Еҳушаъ ибни Нун аз он иборат буд, ки халқро ба Канъон дароварда, ба сокинони бутпарасти он шикаст расонад, ва заминро дар миёни дувоздаҳ сибт тақсим намояд, яъне халқро дар замини он ҷойгир гардонад.

Ҳангоми тайёрӣ ба ин вай ба қавм дар бораи он хотиррасон мекард, ки ҳарчанд ин замин аз они онҳо бошад ҳам, онҳо бояд ворид шуда, онро ба даст дароранд. Аҳолии бутпараст, ки чун канъониён, ҳиттиён, амӯриён, фаризиён, ҳиввиён, ябусиён ва ғ. маълум буданд, чун ҷазо барои гуноҳҳои сершумораашон ва барои пешгирӣ кардани никоҳҳои омехтаи яҳудиён бо одамон аз ин халқҳо, бояд пурра нобуд шавад.

Пеш аз оғози юриш Еҳушаъ ба Ериҳӯ, шаҳри якум, мувофиқи нақшаи ҳуҷум, ҷосусонро мефиристонад. Роҳоб ном зане, ҳарчанд гунаҳкор бошад ҳам, Худои Исроилро чун Худои ҳақиқӣ қабул карда, ҷосусонро пинҳон кард. Дертар, барои ин кори некаш, вай ва аҳли хонаводааш аз нобудшавӣ раҳо шуданд.

Барои аз замини Мӯоб ба Канъон гузаштан қавм бояд аз Урдун убур мекард. Худованд ба таври аҷоиб обҳои дарёро ҷудо кард, ва халқ аз чуқурии хушк гузашта тавонист. Мувофиқи

нақшаи асосӣ Еҳушаъ ибни Нун ният дошт, ки ба марказі мамлакат дарояд, сипас ба қисми ҷанубӣ ҳамла карда, ниҳоят ба шимол раҳсипор шавад.

Шаҳри ниҳоят мустаҳкамшудаи Ериҳӯ аввалин шуда шикаст хӯрд. Аз боиси беитоатӣ дар ӯрдугоҳ исроилиён маҷбур шуданд, ки дар рӯ ба рӯи шаҳри хурдакаки Ай ақибнишинӣ намоянд. Ва танҳо пас аз он ки айбдоршаванда пайдо шуда, ҷазо ёфт, Исроил ғолиб баромад. Ба сӯи ҷануб ҳаракат карда, Еҳӯшаъ ибни Нун дар †ибъӯн бо лашкари панҷ подшоҳ рӯ ба рӯ шуд. Вақте онҳо кӯшиш карданд, ки ба воситаи роҳи гурез пинҳон шаванд, Худованд онҳоро бо раъд зарба зад. Сипас Ӯ рӯзро дароз кард, то ки яҳудиён тамоми бутпарастони боқимондаи ҳанӯз зиндаро нобуд карда тавонанд.

Мағлуб шудани лашкари бутпарастон дар шимол назди обҳои Мерӯм рӯй дода буд, ки дар он ҷо Худованд душманонро ба дасти Еҳушаъ ибни Нун супурд. Ин задухӯрд нақшаи асосии ҳуҷумро ба охир мерасонад, гарчанде ки исроилиён тамоми сокинони ин заминро нобуд карда натавонистанд.


ЗАБТ ВА ТАҚСИМИ КАНЪОН ДАР МИЁНИ СИБТҲО
Қодеш
Нафтолӣ
Ошер
Обҳои Мерӯм
Менашше (нисфи сибт)
Кӯли Чинесор
Забулун
Иссокор
Чод
Дарёи Урдун
Менашше (нисфи сибт)
Шакем
Ромӯт-Чилъод
БАҲРИ МИЁНАЗАМИН
ЭФРОИМ
Дон
Гай
Чибъӯн
Ерихӯ
Бинёмин
Ерусалим
Реубен
Эчлӯн
Ҳебрӯн
Яҳудо
Босар
Баҳри мурда
МӮОБ
Шимъӯн
Ҳуҷуми охирин ба қисми шимолии Канъон
Ҳуҷуми аввалин ба қисми марказии Канъон
Ҳуҷуми дуюмин ба қисми ҷанубии Канъон
Шаҳрҳо-паноҳгоҳҳо

Дар харита нақшаи тақсимоти замин нишон дода шудааст. Сибтҳои Реубен, Ҷод ва нисфи сибти Менашше қисми ҷанубӣ аз дарёи Урдунро гирифтанд. Нӯҳу ним сибт ҳамчунин қисми худро аз замин ба мерос гирифтанд [1].

Дар харита ҳамчунин шаҳрҳо-паноҳгоҳҳо, аз ҳар тарафи Урдун сетогӣ ишорат шудаанд, ки дар он ононе метавонистанд пинҳон шаванд, ки нохост куштор ба амал овардаанд. Чилу ду шаҳри дигар барои сукунат ба левиҳо дода шуд, ки назди хайма хизматгузорӣ мекарданд.

Пеш аз маргаш Еҳушаъ ибни Нун қавмро огоҳ мекунад, ки он худро аз алоқа бо бутпарастон ва худоёни онҳо нигоҳ дорад.

---

[1] *Замине ки ба сибти Юсуф тааллуқ дошт, дар харита зери номи фарзандонаш Эфроим ва Менашше нишон дода шудааст. Сибти Левӣ замин нагирифт. Азбаски онҳо коҳинон буданд, Худованд қисми мероси онҳо шуд.*

**Варақаи санҷишии ¹2**

Донишҳоятонро бисанҷед.

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти "дуруст" ё "нодуруст"-ро қайд намоед:*

1. Мувофиқи қонуни Мусо ҳамаи ҳайвонотро хӯрдан мумкин буд, агар онҳо қурбонӣ мешуданд. Д Н

2. Ба ғайр аз ҷашни ҳарҳафтаинаи рӯзи шанбе, мувофиқи қонуни Мусо, ҳафт иди ҳарсолаи калон риоя мешуд. Д Н

3. Вақте фарзандони Исроил аз Сино дур рафтанд, онҳо пирӯзӣ ва хурсандии худро дар сурудхонӣ баён мекарданд. Д Н

4. Аз дувоздаҳ ҷосусе ки Мусо барои ҷосусӣ кардани замин ба Канъон фиристод, танҳо дутояш хабари мусбатро оварданд. Д Н

5. Писарони Исроил ба сабаби шӯриш дар Қодеш-Борнеа ба оворагардии чилсола маҳкум шуда буданд. Д Н

6 Дар Такрори Шариат пеш аз юриш ба Канъон Мусо насли навро дар бораи оқибатҳои итоат корӣ ва беитоатӣ огоҳ карда буд. Д Н

7 Барои гузаштан аз дарёи Урдун Еҳушаъ

ибни Нун лашкари худро ба болооби
дарё бурда, сипас ногаҳон аз тарафи
шимол ба Канъон ҳамла кард. Д Н

8 Ба ҳеҷ яке аз сибтҳо иҷозат дода нашуд,
ки дар тарафи шарқии Урдун ҷои
истиқомат гиранд. Д Н

9 Дар муроҷиати охирини худ ба Исроил
Еҳушаъ ибни Нун қавмро огоҳ
намуд, ки ба бутпарастӣ
рӯй наоваранд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои додашуда ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 3

### МО ПОДШОҲ МЕХОҲЕМ!

### Китоби Доварони Исроил

Дар Китоби Доварон мо хоҳем фаҳмид, ки хавфҳои Еҳушаъ ибни Нун беҳуда набуданд. Пас аз марги вай халқ якчанд маротиба аз Худо рӯй гардонда, ба бутпарастӣ даст зада буд. Он гоҳ Худованд ба лашкарҳои душман имкон медод, ки ба исроилиён то даме ситам кунанд, ки онҳо ба Ӯ рӯй оварда, гуноҳҳои худро эътироф намоянд. Он гоҳ Худо роҳбари ҳарбиро ба миён меовард, ки чун довар маълум буд, то яҳудиёнро аз зулми одамони дигар халос кунад. Ин халосгар бояд ба исролиёни афсурда оромӣ меовард; лекин онҳо боз дарсҳои гузаштаро фаромӯш карда, аз сари нав ба бутпарастӣ даст мезаданд.

Китоби Доварон, бешубҳа, номи худро аз он роҳбарони барҷаста гирифт, ки дар вазъияти бисёр мушкил наҷоткорони миллат шуданд, вақте дар Исроил подшоҳ набуд, ва ҳар кас мувофиқи хости худ амал мекард. Силсилаҳои такроршавандаи муртадӣ, забткунӣ ва озодкуниро дар баёноти мухтасари китоб мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар саҳифаи навбатӣ нишон дода шудааст. (*Номҳои доварони аз ҳама барҷаста махсус қайд карда шудаанд*).

Акнун мазмуни асосии китобро дониста, шумо хоҳиш пайдо мекунед, ки ҳикоятҳоро дар бораи

чунин доварони хеле хуб машҳур, ба монанди Дебӯро, †идъӯн ва Шимшӯн аз сари нав хонед ва равшантар фаҳмед, ки чӣ тавр онҳо ба таърихи Исроил даромадаанд.

| Шумораи аз имон дур шудани Исроил | Душманони аҷнабӣ | Солҳои ситам | Халосгар ё довар | Солҳои осоиштагӣ | Ҷой дар Китоби Муқаддас |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Байнаннаҳрайн | 8 | Отниил | 40 | 3:5-11 |
| 2 | Мӯобиён, аммӯниён, амолекиён | 18 | Эҳуд | 80 | 3:12-30 |
| 3 | Фалиштиён | | Шамҷар | | 3:31 |
| 4 | Канъониён | 20 | Дебӯро | 40 | 4:2-5:31 |
| 5 | Мидёнён | 7 | Ҷидъӯн | 40 | 6:1-8:35 |
| 6 | (Ҷанги шаҳрвандӣ) | 18 | Абималик, таҷовузкор | 3 | 9:1-57 |
| 7 | Номаълум | | Тӯлоъ | 45 | 10:1-2 |
| 8 | Номаълум | | Ёир | | 10:3-5 |
| 9 | Аммӯн | 18 | Йифтоҳ | 31 | 10:6-12:7 |
| 10 | Номаълум | | Ибсон | | 12:8-10 |
| 11 | Номаълум | | Элӯн | | 12:11-12 |
| 12 | Номаълум | | Аблӯн | | 12:13-15 |
| 13 | Фалиштиён | 40 | Шимшӯн | 20 | 13:1-16:31 |

Дебӯро бо ҷасорати ҳайратангези худ, ҳамчун сарфармондеҳ, ва суруди фаромӯшнопазири ғалабаи вай. †идъӯн бо ҳикояти хеле маҳбубият

пайдокарда дар бораи даъвати вай ва ғалабаи беназири вай бо лашкари 300-нафара, ки бо карнайҳо, машъалҳо ва кӯзаҳо мусаллаҳ шуда буданд. Шимшӯн бо тасвири ҷозиби қуввати ҷисмонии вай, лекин бо ҳикояти ғамангези сустии ахлоқи ӯ.

Китоби Доварон бо тасвирҳои кӯтоҳ ба охир расида, нишон медиҳад, ки вазъияти динӣ, ахлоқӣ ва сиёсии миллат дар он вақт паст рафта буд.

## Рут

Дар ин китоб воқеаҳо дар замони доварон рӯй медиҳанд. Гуруснагӣ дар Исроил сабаб шуд, ки Ноомӣ ном зани яҳудӣ якҷоя бо шавҳари худ ва ду писараш ба замини Мӯоб равона шуданд. Яке аз писаронаш зани мӯобӣ гирифт, ки Рут ном дошт. Пас аз марги шавҳар ва ҳар ду писарон Ноомӣ якҷоя бо Рут ба Байт-Лаҳм баргашт.

Дар Исроил қоидае буд, ки мувофиқи он пас аз марги шавҳар хеши аз ҳама наздик бояд бевазанро ба занӣ мегирифт, то ки номи наслро ва моликияти оиларо нигоҳ дорад. Бӯаз ном яҳудии хеле нек, хеши шавҳари собиқи Рут, хоҳиши вайро ба занӣ гирифтан карда, бо ҳамин тариқ “кафораткунандаи хешутаборӣ” шуд.

Рут Убид ном писареро зоид, ки яке аз аҷдоди Худованд Исои Масеҳ шуд. Ҳамин тавр Рут, бо вуҷуди ғайрияҳудӣ буданаш, дар насабномаи Наҷоткор ҷойгир аст (Мат. 1:5).

## Китоби якуми Подшоҳон

Баъди 280 сол пас аз он ки Еҳушаъ ибни Нун фарзандони Исроилро ба замини ваъдашуда овард, онҳо дар таърихи худ ба вазъияти душвор гирифтор шуданд. Ба ҷои халқи пурбаракат будан, ҳолати коҳинон тамоман паст рафт. Писарони Элии саркоҳин нобакор баромаданд, ва исроилиён бе роҳбари рӯҳонӣ монданд.

Дар ин вазъияти басо душвор Самуил пайдо мешавад. Акнун Худованд бо халқи Худ ба воситаи пайғамбарон гап мезанад[1], на ба воситаи коҳинон, аввалин маротиба ба воситаи Самуил, ва пас аз ин ба воситаи дигар интихобшудагони Худо. Баъзеи онҳо аз Самуил насиҳат гирифтанд. Илова бар заифии дарунии халқи Худо, онҳоро аз берун лашкари фалиштиён ғам медод. Ниҳоят одамон назди Самуил омада, мисли дар дигар халқҳо, подшоҳ талаб карданд. То ин дам халқ теократия дошт – ин маънои онро дорад, ки Худо Ҳокими онҳо буд. Акнун подшоҳ талабида, онҳо амалан Худоро рад карданд. Ба Самуил супориш дода шуд, ки Шоулро бар Исроил подшоҳ таъин намояд. Дар аввал ҳукмронии вай умедбахш буд, аммо вай имондори ҳақиқӣ набуд ва оҳиста-оҳиста беш аз пеш ба гуноҳ меафтид. Дар аввал вай вазифаи коҳинро ба ҷо овард, ҳол он ки ин ба ҳама, ғайр аз хонадони Ҳорун, манъ шуда буд.

[1] *Пайғамбар – шахсест, ки ба воситаи он Худо халқро огоҳ мекунад, то он аз гуноҳ рӯй гардонад, ва шахсест, ки аксар вақт дар бораи оқибатҳои итоаткорӣ ва беитоатӣ пешгӯӣ мекунад.*

Баъд вай ваъдаи беҳуда дод, ки қариб риштаи зиндагии писараш Йӯнотонро меканд. Сеюм: вай ба Аҷаҷ ном подшоҳи душман раҳм кард, ки бояд вайро ба қатл мерасонд. Чорум: вай баъзе коҳинони Худовандро кушт. Сипас вай боз ба ҷони ҷавонписар Довуд суиқасд кард, ки бо ғалабаи худ бар Ҷолиёт, ҷанговари фалиштиён, хеле машҳур шуд. Ва ниҳоят вай барои маслиҳат пурсидан назди ҷодугарзан рафт. Пас аз хатои сеюм Худо вайро чун подшоҳ рад намуд ва ба ҷои вай Довудро таъин кард. Аммо Довуд то дами зинда будани Шоул подшоҳӣ карда наметавонист. Баръакс, вай солҳои зиёд аз таъқиботи Шоул пинҳон мешуд. Ниҳоят Шоул лашкари худро аз даст дод. Се писари вай кушта шуданд, насиби вай бошад ба дасти фалиштиён афтодан буд. Хоҳиши дучори хорӣ шуданро надошта, вай худкушӣ кард.

### Китоби дуюми Подшоҳон

Китоби дуюми Подшоҳон қариб пурра ба подшоҳии Довуд бахшида шудааст. Дар давоми ҳафту ним сол пас аз марги Шоул вай танҳо бар Яҳудо ҳукмронӣ кард. Яке аз писарони Шоул, Ишбӯшет бар сибтҳои шимолӣ салтанат меронд, ва дар миёни ду қисми подшоҳӣ ҷанг сар шуд. Ишбӯшет кушта шуд, ва Довуд подшоҳи тамоми қавм гардид.

Оғози ҳукмронии худро Довуд ба юришҳои

зидди душманони Исроил, асосан зидди

фалиштиён, бахшид. Вай Ерусалимро маркази сиёсӣ ва динӣ гардонда, қарор дод, ки дар он ҷо барои Худо маъбад бино кунад, лекин Худованд инро манъ кард, зеро ки Довуд сарлашкар буд. Лекин Худо ваъда дод, ки тахти вай то абад устувор хоҳад монд ва наслҳои вай дар он хоҳанд нишаст.

Дар боби 11-ум ҳикояти ғамангези гуноҳи нангини вай тасвир ёфтааст. Қариб пас аз як сол Довуд тавба кард, вақте пайғамбар Нотон гуноҳолуд будани амали вайро ба воситаи масал нишон дод; лекин Худованд вайро сахт ҷазо дода, оилаашро гирифтори бемориҳо кард:

- Тифле ки ба сабаби ин гуноҳ таваллуд шудааст, мурд.
- Писараш Амнӯн аз ҷониби бародараш Абшолӯм кушта шуд.
- Абшолӯм бархоста, Довудро бадар меронад.

Ниҳоят Абшолӯм кушта шуд, ва Довуд ба Ерусалим бармегардад. Дар охири ҳукмронии худ Довуд аҳолии Исроилро ба рӯйхат гирифт ва бо андозаю қудрати он фахр карда, ба баракати Худо таваккал накард. Худованд ваборо фиристода, 70 000 нафарро гирифтор мекунад. Пас аз он ки Довуд қурбонгоҳ сохта, ба Худо қурбонӣ овард, вабо нест шуд.

**Варақаи санҷишии 3**

Шумо ба кадом комёбиҳо ноил гардидед?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1. Хавфи Еҳушаъ ибни Нун барои Исроил асос надоштанд. Д Н
2. Доварон аз ҷониби Худо барои он интихоб шудаанд, то ки исроилиёнро аз асорате ки онҳо ба хотири гуноҳҳои кардаашон ба он афтода буданд, халос намоянд. Д Н
3. Бори аввал исроилиёнро мӯобиён дар даврае ки дар китоби Доварон тасвир ёфтааст, ба асорат бурданд. Д Н
4. Яке аз доварон зан буд. Д Н
5. Ҳикояе ки дар китоби Рут тасвир ёфтааст дар даврон доварон рӯй додааст. Д Н
6. Одаме ки Рутро ҳангоми ба Байт-Лаҳм баргаштанаш ба занӣ гирифт, кафоратдиҳандаи хешутабории вай шуд. Д Н
7. Самуил коҳин буд. Д Н
8. Шоул пас аз хатои сеюм чун подшоҳи Исроил аз ҷониби

Худо рад карда шуд. Д Н

9. Довуд подшоҳии ба Шоул рақобаткунандаро бунёд карда, Ерусалимро пойтахт гардонд, ки аз он бар зидди душманон мебаромад. Д Н

10. Худо ба Довуд гуфт, ки насли вай ҳаргиз нест нахоҳад шуд, чунки Довуд мехост барои Худо маъбад созад. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба ин саволҳо ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 4

**САРНАГУНШАВИИ**

## Китоби 3-юм ва 4-уми Подшоҳон

Ин китобҳо давраи 453-соларо дар таърихи подшоҳӣ дар бар мегирад. Онҳо аз тасвири марги Довуд ва тоҷгузории писараш Сулаймон сар мешаванд. Сулаймон аз Худо ҳикмат талабид, ва на фақат ҳикмат, балки сарват ва иззату икромро низ ба даст овард. Комёбии аз ҳама барҷастаи вай сохтмони маъбади боҳашамат барои Худо ва хонаҳо барои худ буд. Лекин вай гуноҳ содир карда, занҳои ғайрияҳудиеро ба занӣ гирифт, ки ӯро ба бутпарастӣ водор намуданд. Ѓайр аз ин вай аспони зиёд дошт, ки вай ба онҳо аз Худо дида зиёдтар таваккал мекард.

Пас аз марги Сулаймон писараш Раҳабъом наслро давом дод. Аммо ба ҷо кам кардани андозҳои калоне, ки Сулаймон барои пур кардани хазина муқаррар карда буд, Раҳабъом таҳдид намуд, ки бори халқро гарон мекунад. Дар натиҷаи ин даҳ қабила дар шимол, ки чун Исроил машҳур буданд, бар зидди Раҳабъом бархоста, Ёробъомро бар сари тахт дар Сомария шинонданд. Раҳабъом танҳо бо қабилаҳои Яҳудо ва қисмҳои қабилаҳои Левӣ, Шимъӯн ва Бинёмин монд. Подшоҳӣ тақсим шуд: даҳ сибти Исроил Подшоҳии Шимолӣ шуд (ки ҳамчунин чун Эфроим машҳур аст), Яҳудо бошад Подшоҳии †анубӣ бо марказ дар Ерусалим гардид.

Сипас дар ҳар дуи подшоҳиҳо ба сари ҳокимият подшоҳони зиёде меоянд, дар Исроил – ноодилон, дар Яҳудо бошад – нобакорон ва одилон. Подшоҳии Исроил то соли 721-уми пеш аз милоди Масеҳ арзи пойдор монд, вақте он аз ҷониби Ашшур забт шуд. Яҳудо тақрибан боз 134 пойдор монда, сипас аз ҷониби Бобил забт шуд.

Пеш аз анҷоми мавзӯи подшоҳии тақсимшуда бояд якчанд лаҳзаҳои муҳимро қайд намуд.

- Тафсилоте ки ба ҳукмронии баъзе подшоҳон дахл дорад:

  **а.** Ёробъом, подшоҳи якуми Исроил, дар Дон ва Байт - Ил гӯсолаҳои тиллоиро барои парастиш гузошт.

  **б.** Аҳъоб, подшоҳи хеле сангдил, шавҳари Изобал, барои бут Баал қурбонгоҳ сохта, ба вай саҷда мекард.

  **в.** Подшоҳони одили Яҳудо Осо, Еҳӯшофот, Еҳӯош, Амасё, Азарё, Ютом, Ҳизқиё ва Йӯшиёҳӯ мебошанд.

- Дар давоми ин давра пайғамбарон дар воқеаҳо фаъолона иштирок мекарданд. Масалан Илёс бар парастандагони Баал дар кӯҳи Кармил ҳангоми ҳукмронии Аҳъоб ғолиб омад. Сипас Элишоъ, ки бо мӯъҷизаҳои сершумори худ машҳур аст, ба подшоҳони Исроил аз Йӯром то Еҳӯоҳоз мавъиза мекард. Ниҳоят, шумораи зиёди пайғамбарони дигар, ки суханонашон

дар қисми охирини Аҳди Қадим навишта шудаанд, дар ин замон дар хизматгузорӣ иштирок мекарданд.

## 1 ва 2-ум китобҳои Вақоеънома

Ба назари аввал ин китобҳо такрори воқеаҳои ҷудогонаи таърихие мебошанд, ки пештар дар Аҳди Қадим тасвир ёфта буданд. Масалан, китоби якуми Вақоеънома, ба китоби 1 ва 2-юми Подшоҳон хеле монанд аст; ҳукмронии Довудро муфассалан тасвир мекунад. Китоби дуюми Вақоеънома бо китобҳои 3 ва 4-уми Подшоҳон наздик буда, дар бораи ҳукмронии ва Сулаймон подшоҳони Яҳудо дар даврони подшоҳии тақсимшуда накл мекунад.

Ва ба ҳар ҳол, дар миёни китобҳои Вақоеънома ва кисмҳои пештараи Китоби Муқаддас тафовути махсус ҳаст:

- Китоби якум бо нӯҳ боби насабнома оғоз меёбад – аз Одам то Яҳудоро забт кардани бобилиён (1Вақ. 6:15).

- Дар ин китобҳо воқеаҳо аз нуқтаи назари динӣ дида баромада мешаванд, яъне аз назари коҳинон, на аз нуқтаи назари таърихӣ ё сиёсӣ. Тасвири муфассали сандуқ, насабномаи Левӣ, коҳинон, боркашҳо ва худи маъбад дода шудааст.

- Дар бораи Подшоҳии Шимолӣ, Исроил,

тамоман зикр намешавад. Худованд танҳо тасвири ҳумкронии Довуд ва меросхӯрони вайро медиҳад, чунки аз ин насл Масеҳ меояд.

- Гуноҳи Довуд қариб зикр намешавад, дар ҳоле ки баракатҳо барои итоаткорӣ таъкид мешавад.

Дар бобҳои охирин мо калидеро меёбем, ки сабабҳои навишта шудани ин китобҳоро ошкор мекунад. Даринҷомофармони Курушро[1] мехонем, ки ба яҳудиён иҷозат дода буд, ки пас аз 70 соли бадарға ба Ерусалим баргарданд. Дигар хел карда гӯем, ин китобҳо пас аз ба асорати Бобил рафтан навишта шуда буданд. Пас аз бозгашт ба ватан, ба қавми яҳуд лозим буд, ки дар бораи инкишофи таърихиашон маъмуноти муайян гиранд.

- Ба онҳо лозим буд, ки насабномаи худро барои он донанд, ки заминҳои ба онҳо тааллуқдоштаро баргардонанд.
- Аз насабнома онҳо бояд ҳамчунин онро фаҳмида мегирифтанд, ки барои амали коҳинонро ва левиҳоро дар маъбад ба ҷо овардан киҳо интихоб шуда буданд.

Илова бар ин, китобҳои Вақоеънома ба бадарғашудагони баргаштаистода тасвири

[1] *Куруш подшоҳи Форс буд. Дар аввал яҳудиён аз ҷониби бобилиён забт шуда буданд. Аммо ҳангоми дар асорат буданашон, форсҳо Бобилро мағлуб карданд, ва ҳамин тавр Куруш асиронро наҷот дода метавонист.*

инкишофи рӯҳонии гузаштаи онҳоро медоданд, ва аз ҳама чизи муҳим, умедро ба омадани Масеҳе мебахшиданд, ки ба тахти Довуд хоҳад нишаст.

## Китоби Эзро

ВақтеКурушбаяҳудиёничозатдод,кибазамини худ баргашта, маъбадро бино кунанд, Зарубобил 50 000 нафар одамонро ҷамъ карда, ба Ерусалим баргашт. Онҳо дарҳол ба кор шурӯъ намуда, бунёди маъбадро гузоштанд, аммо дере нагузашта ба онҳо якчанд сомариёне халал расонданд, ки онҳо ёрияшонро рад карда буданд. Сохтмон то замоне ба таъхир афтод, ки пайғамбарон Ҳаҷҷай ва Закарё одамонро барои давом додани корҳои сохтмонӣ рӯҳбаланд карданд[1].Ниҳоят, ҳангоми ҳукмронии Дорёвеш, сохтмон ба охир расид, ва яҳудиён маъбадро бо хурсандии бузург тақдис намуданд.

Тақрибан пас аз 60 сол Эзро ба Ерусалим 1700 нафар шахсони дигарро меоварад. Ҳангоми омаданаш бо андӯҳ мефаҳмад, ки бисёриҳо, аз он ҷумла коҳинону левизодагон, аз халқҳои дигар духтаронро ба занӣ гирифтаанд. Сипас Эзро тамоми кори аз дасташ меомадаро кард, то ки қавм гуноҳи худро эътироф намуда, занҳои бегонаро ҷавоб диҳанд.

## Китоби Наҳемё

Ҳарчанд маъбад сохта шуда бошад ҳам,

[1] *Китобҳои ин пайғамбарон дар охири Аҳди Қадим ҷойгир шудаанд.*

деворҳои Ерусалим ҳанӯз хароб буданд, бинобар ин шаҳр дучори ҳамлаи душман мегардид. Ҳангоми ҳукмронии подшоҳи Форс Артаҳшасто ба Наҳемё ном яҳудие супориш дода шуд, ки ба Ерусалим баргашта, шаҳрро барқарор кунад. Сомариён боз сахт муқобилат мекунанд, аммо Наҳемё рӯҳафтода намешавад. Ӯ чунон моҳирона одамонро мусаллаҳ гардонда, омода сохт, ки кор баъди 52 рӯз ба охир расид. Сипас барои шунидани суханони қонун тамоми қавмро ҷамъ оварданд. Ва эҳёи халқе ба амал омад, ки рӯза медорад, гуноҳҳои худро эътироф менамояд ва Худоро ҷалол медиҳад.

Пас 12 соли сукунаташ дар Ерусалим, Наҳемё ба сарзамини Форс бармегардад. Ҳангоми набудани вай қавм ба гуноҳ афтод, ва ҳангоме ки вай ба ватан баргашт, дид, ки онҳо ба бегонагон имкон медиҳанд, ки ба маъбад дароянд, ба левизодагон ёрӣ намерасонанд, шанберо риоят намекунанд ва занони ғайрияҳудиро ба занӣ мегиранд. Наҳемё ин вайронкориҳоро ислоҳ намуда, қавмро даъват намуд, ки аз рӯи қонунҳои Худо зиндагӣ кунанд.

Бо ҳамин амалан таърихи Аҳди Қадим ба охир мерасад. Ин воқеаҳо тақрибан 400 сол пеш аз таваллуди Масеҳ рӯй доданд, ва дар Китоби Муқаддас оиди 400 соли минбаъда чизе гуфта нашудааст. Пайғамбари охирини Аҳқи Қадим, Малокӣ, бо Наҳемё дар як замон зиндагӣ кард, бинобар ин китоби вай худи ҳамон вақте навишта

шуда буд, ки китоби Наҳемё навишта шудааст.

## Китоби Эстер

Ҳикояти ҷозиби Эстер дар дарбори подшоҳи Форс тақрибан дар миёни бозгашти якум ё дуюми яҳудиёнбаЕрусалимдарзерироҳбарииЗарубобил ва Эзро рӯй дода буд; дигар хел карда гӯем, байни бобҳои шашум ва ҳафтуми китоби Эзро.
Ин китоб ҳикояти халосшавии ҳайратангези яҳудиёнро аз суиқасди маккоронаи душмани онҳо Ҳомон дар бар мегирад. Эстер, ки аз яҳудиён бароммада буд, пас аз он ки подшоҳ Аҳашверӯш аз зани худ Ваштии малика ба ғазаб омад, маликаи Форс шуд.

Хеши Эстер, Мордахай, исроилии росткор буда, дар дарбор хизмат мекард. Рӯзе вай суиқасди зидди подшоҳро ошкор кард.
Таъзим накардани Мордахай ба Ҳомон, Ҳомон хашмгин шуд ва шоҳро водор сохт, ки иҷозатнома бо имзо ва мӯҳр диҳад, ки мувофиқи он тамоми яҳудиён дар рӯзи муайян бояд нобуд карда мешуданд. Он вақтҳо ягонто аз ин гуна қонунҳо дар кишвари Модай ва Форс дар ҳеҷ сурат тағйир дода ё бекор шуда наметавонист.

Ба машварати Мордахай гӯш дода, Эстер, ҷони худро ба хатар андохта, бидуни даъват назди подшоҳ меояд. Сипас вай подшоҳ ва Ҳомонро ба базм таклиф мекунад. Пеш аз тантана подшоҳ мефаҳмад, ки одаме ки ҷони ӯро наҷот дод,

сазовори ягон арзи сипос нагаштааст. Бинобар ин подшоҳ ба Ҳомон фармуд, то дар пеши тамоми халқ эълон намояд, ки Мордахай лоиқи иззати шоҳона гардидааст.

Дар вақти базм Эстер бори якум пеши подшоҳ миллати худро ошкор намуда, дар бораи суиқасди маккоронаи Ҳомон нақл мекунад, ки аз нобуд сохтани тамоми яҳудиён иборат буд. Подшоҳ дарҳол фармон дод, ки Ҳомонро ба доре овезанд, ки барои Мордахай тайёр шуда буд.

Эстер боз аз подшоҳ хоҳиш менамояд, то ба яҳудиён иҷозат диҳад, ки худро аз душман ҳимоят намоянд. Подшоҳ фармонро бо имзо тасдиқ кард, ва дар натиҷа яҳудиён ғолиб баромаданд. Ин рӯз минбаъд ҳар сол чун иди Пурим ҷашн гирифта мешуд.

Дар ин китоб дар бораи ғамхории Худо нисбат ба халқи Худ нақл карда мешавад, агарчи номи Ӯ дар он зикр намеёбад.

## Варақаи сангҷишии 4

Кӯшишнамоед,кибасаволҳоиҷамъбасткунанда ҷавоб гардонед.

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1 Гуноҳи азими Сулаймон аз он иборат буд, ки вай сарфи назар аз огоҳиҳо, маъбадро дар Ерусалим бино кард, дар ҳоле ки на вай, балки писараш бояд ин маъбадро месохт. Д Н

2 Вақте подшоҳии муттаҳидаи Исроил ба ду подшоҳии ҷудогона тақсим шуда буд, даҳ сибт ба Раҳабъом вафодор монданд. Д Н

3 Тамоми подшоҳони Исроил (Подшоҳии Шимолӣ) бад буданд. Д Н

4 Халқи Яҳудо аз халқи Исроил ба муддати 134 сол бештар пойдор монд. Д Н

5 Подшоҳони одили Яҳудо инҳо буданд: Осо, Еҳӯшофот, Еҳӯош, Амасё, Азарё, Ютом, Ҳизқиё ва Йӯшиёҳӯ. Д Н

6 Ду шаҳре ки аз ҷониби Ёробъом чун марказҳои бутпарастӣ ҷудо карда шуда буданд, дар шимоли дур ва ҷануби дури подшоҳии вай ҷойгир буданд. Д Н

7 Китобҳои Вақоеънома таърихи Довуд ва насли ӯро тасвир мекунад.

8 Китобҳои Солнома Вақоеъномa пас аз асорати Бобил навишта шуда, на ҳиссиёти муаррихон ё сиёсатмадорон, балки ҳиссиёти коҳинонро инъикос мекарданд. Д Н

9 Қисми якуми яҳудиён пас аз асорати Бобил дар зери роҳбарии Эзро ба Фаластин баргаштанд. Д Н

10 Ба Наҳемё 52 ҳафта (яъне тамоми сол) лозим шуд, то ки деворҳои Ерусалимро барқарор намояд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба ин саволҳо ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 5

### “ДИЛИ ХУДРО БА МАН ДЕҲ!”




Дар ҷадвали додашуда кӯшиш карда шуд, ки:

1 Китобҳои таърихӣ (аз Ҳастӣ то Эстер) дар тартиби воқеаҳои ҳақиқӣ ҷойгир шаванд. Ҳамин тавр, шумо пай бурда метавонед, ки:

**а.** китоби Рут ба давраи Доварон марбут дониста шудааст;

**б.** китоби якуми Вақоеъномa тақрибан худи ҳамон муддатеро дар бар мегирад, ки китобҳои 1 ва 2-юми Подшоҳон дороcт;

**в.** китоби дуюми Вақоеънома тақрибан худи ҳамон муддатеро дар бар мегирад, ки китобҳои 2 ва 3-юми Подшоҳон дороcт;

**г.** воқеаҳое ки дар китоби Эстер тасвир

шудаанд, дар фосилаи миёни бобҳои шашум ва ҳафтуми китоби Эзро рӯй медиҳанд.

2 Замоне нишон дода шавад, ки дар он муаллифони ҳикмат ва назм зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

**Китоби Айюб**

Айюб эҳтимолан дар даврони Иброҳим зиндагӣ карда буд. Вай одами сарватманд ва худотарсе буд, ки шайтон ӯро бо иҷозати Худо дучори озмоиши сахт гардонда, аз моликият, оила маҳрум сохт ва, ниҳоят, вайро ба бемории махав гирифтор кард. Се дӯсти Айюб барои тасалло додани ӯ омаданд, аммо азобҳои сахти ӯро дида, онҳо дар давоми ҳафт рӯз як сухан ҳам гуфта натавонистанд. Сипас онҳо муддати дароз дар бораи он андеша мекарданд, ки порсоён азоб намекашанд ва сабаби азият кашидани Айюб гуноҳи вазнини ӯст. Айюб исбот намудани беайбии худро давом дода, дӯстонро дар бераҳмӣ мазаммат кард ва дар тамоми азобҳояш Худоро айбдор намуд. Элиҳу ном ҷавоне ҳақ будани Худоро нишон медиҳад ва дӯстонро дар он сарзаниш мекунад, ки онҳо ба вай ёрӣ дода натавонистанд. Айюбро бошад вай барои он сарзаниш кард, ки ӯ дар дурустии амалҳои Худо шубҳа намуд. Ва ниҳоят, Худованд Худаш ба Айюб ҷалол, адолат, қувват ва ҳикмати Худро зоҳир намуд, ва Айюб аз гуноҳи худ тавба кард. Вақте ӯ барои дӯстони худ дуо кард, азобҳояш

ба охир расиданд ва Худованд ба вай аз пештара дида сарвати бештар ато намуд.

**Забур**

Ин китоб дар Китоби Муқаддас аз ҳама машҳуртарин мебошад. Он аз маҷмӯи шеърҳо ва сурудҳое иборат аст, ки бо забони ҳайратангез эҳсосот ва таҷрибаи халқи Худоро баён мекунад. Чунин ҳисобида мешавад, ки Довуд камаш 73 тарона навишта буд; баъзеяшон аз ҷониби Мусо, баъзеяшон аз ҷониби Ософ ва Сулаймон навишта шуда буданд; муаллифони 50 таронаи дигар номаълуманд. Аксари ин шеърҳо пайдоиши муайяни таърихӣ доранд; дигар хел карда гӯем, онҳо барои тасвири таҷрибаи ҳаёте эҷод шуда буданд, ки қавми Исроил ва баъзе шахсони ҷудогона аз сар гузарондаанд. Баъзе таронаҳо нубувватӣ буда, дар онҳо омадани Масеҳ, уқубатҳои Ӯ ва ҷалоли Ӯ тасвир меёбанд ё ки онҳо ояндаи Исроилро пешгӯӣ мекунанд.

Ниҳоят, бояд таъкид кард, ки таронаҳо барои халқи Худо пур аз маслиҳатҳои амалӣ ҳастанд. Дар Аҳди Қадим, дар забони аслӣ, таронаҳо ба панҷ китоб тақсим шуда буданд, ба монанди: китоби 1 таронаҳои 1-40; китоби 2 таронаҳои 41-71; китоби 3 таронаҳои 72-88; китоби 4 таронаҳои 89-105; китоби 5 таронаҳои 106-150.

## Китоби Масалҳо

Китоби додашуда маҷмӯи пандҳои хирадмандона аст, ки асосан аз ҷониби подшоҳ Сулаймон навишта шудаанд. Шахсе онҳоро хеле хуб "қонунҳои осмонӣ барои ҳаёти заминӣ" номидааст. Онҳо огоҳиҳоро дар бораи гуноҳҳои гуногуни нопарҳезгорӣ, танбалӣ, дурӯғгӯӣ, хиёнат, ҳавобаландӣ ва беадолатиро дар бар мегиранд; ҳамчунин тавсия барои волидайн ва кӯдакон, барои занону шавҳарон, барои сарватмандону бенавоён. Ин ҷо ҳикмат ба ононе ки барои гӯш кардан ҳозиранд, хитоб карда, маслиҳатҳои бебаҳо дар бораи он медиҳад, ки чӣ тавр бояд умри пок, бовиҷдон ва боадолат дида, аз дарди дил, нанг ва уқубат аз боиси гуноҳ раҳоӣ ёфт.

## Китоби Воиз

Ин ҷо сухан дар бораи кӯшишҳои бемуваффақияти одам меравад[1], ки мехоҳад дар ҷудоӣ бо Худо дар замин бахт пайдо кунад. Ба назар чунин менамояд, ки дар ҷустуҷӯи ҳақиқати бузург ин одам ҳама чизро истифода бурд: илм, фалсафа, айшу ишрат, сохтмон, сарват, мусиқӣ ва ҳатто дин. Аммо вай сахт ноумед шуда, ба хулосае омад, ки ҳама чизи дар зери осмон буда даводави беҳуда аст. Ибораи асосии китоб "зери офтоб" маънои онро дорад, ки ҳаёт дар он на аз "болои осмон", аз нуқтаи назари илоҳӣ, балки

[1] *Сулаймонро муаллифи он меҳисобанд.*

аз нуқтаи назари заминӣ, одамӣ тасвир меёбад. Натавонистани фаҳмидани факти мазкур ба баъзе тафсирҳои нодурусти ин китоб оварда мерасонад. Дарси Воиз аз он иборат аст, ки дили одам ҷудо аз Худо қаноатмандӣ пайдо карда наметавонад, ва китоб тавре навишта шудааст, то "дигарон, ки бо худи ин роҳи бесамар мераванд, аз уқубатҳои ҷонӣ ва ноумедиҳо раҳоӣ ёбанд".

## Суруди сурудҳои Сулаймон

Ин ҳикояи латиф ва ҳайратангез дурдонаи адабиёт мебошад. Он китоби Суруди сурудҳои Сулаймон номида шудааст, то бар сурудҳои дигар бартариро нишон диҳад. Сюжети ин китоб ва тафсири он дар ду ақидаи асосӣ бунёд ёфтааст.

Эҳтимол дорад, ки нуқтаи назари маъмултарин ин аст, ки китоб муҳаббати ҳақиқиро миёни Сулаймон ва Шуламит ном духтаре тасвир мекунад. Ӯ хостгорӣ карда, вайро аз Шунем ба Ерусалим овард. Шарҳ аз он иборат аст, ки муҳаббати Сулаймон рамзи муҳаббати Яҳве ба бақияи бовафои Исроил мебошад. Ин сурудҳоро ҳамчун рамзи муҳаббати Масеҳ ба калисо низ фаҳмидан мумкин аст.

Нуқтаи назари дигар низ вуҷуд дорад, ки мувофиқи он қаҳрамонони асосии ин ҳикоя Сулаймон, духтар ва чӯпони маҳбубаш мебошанд. Сулаймон, ки ҳазор зан дошт, кӯшиш мекард, ки дили ин духтарро ба даст оварда, вайро ба қасри

худ оварад.

Вақте Сулаймон вайро ба васваса меандохт, вай дар ҷавоб танҳо маҳбуби худро тасвир мекард. Ҳамин тавр вай таҷассуми бақияи бовафои халқи Исроил аст, ки ба васвасаҳои дунё нигоҳ накарда, ба Яҳве вафодор монд. Ниҳоят, маҳбуби вай пайдо мешавад ва арӯсро ба хонаи худ мебарад[1].

---

[1] *Ҳар гуна тафсиреро шумо афзал шуморед ҳам, дар Китоби Муқаддас қаҳрамононеро қайд кардан фоиданок аст, ки дар қисмҳои гуногуни китоб сухан мегӯянд, масалан:*
*Духтар – 1:1-7, 12-14, 16-17; 2:1,3-17; 3:1-4; 4:16; 5:2-8,10-16; 6:2-3,13 (ду ҷумлаи охирин) 7:9$_б$-13; 8:1-4,6-7, 10-12,14.*
*Сулаймон – 1:8-11,15; 2:2; 3:5; 4:1-15; 5:1; 6:4-12, 7:1-9а (бо суханони "шингилҳои ангур" ба охир расонида); 8:13.*
*Мусоҳибон – 3:6-11; 5:9; 6:1,13$_а$; 8:5, 8-9.*

**Варақаи санҷишии 5**

Шумо чиро дар хотир доштед?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1. Воқеаҳое ки дар китоби Эстер тасвир ёфтаанд, метавонанд байни бобҳои шашум ва ҳафтуми китоби Эзро дар пайдарҳамии хронологӣ ҷойгир шаванд. Д Н
2. Айюб, шояд, дар ҳамон вақте мезист, ки Мусо низ зиндагӣ мекард. Д Н
3. Аз лаҳзаҳои аввалин Айюб беихтиёрона дарк кард, ки дар тамоми азобҳои худ бояд шайтонро айбдор кард. Д Н
4. Довуд, Мусо, Ософ ва Сулаймон, ҳамаашон дар навиштани Забур иштирок мекарданд. Д Н
5. Таронаи 89 китоби чоруми Забурро оғоз мекунад. Д Н
6. Китоби Масалҳо дар бораи содир шудани ҳар гуна гуноҳ огоҳӣ медиҳад. Д Н
7. Сулаймон пурра ё ақаллан қисман се китоби Китоби Муқаддасро навиштааст Д Н
8. Мусиқӣ ягона чиз “дар зери офтоб” буд, ки

Сулаймон дар он бахти абадиро ёфт. Д Н

9. Суруди сурудҳои Сулаймон қиссаи муҳаббат аст. Д Н

10. Аз нуқтаи назари маъмултарин, Сулаймон дар Суруди сурудҳо чун шахсе тасвир ёфтааст, ки бо лаззатҳои заминӣ фаро гирифта шуда, кӯшиш мекунад, то имондоронеро, ки худро ба Худованд бахшидаанд, ба ин васвасаҳо андозад. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба ин саволҳо ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 6

### ПАЙҒАМБАРОНИ КАЛОН

Ҳангоми омӯзиши дарсҳои 6 то 8 донишҷӯ бояд ба ҷадвали "Подшоҳон ва пайғамбарони Исроил ва Яҳудо" муроҷиат кунад. Дар он вақти тахминӣ қайд шудааст, ки кай ҳар яке аз пайғамбарон хизматгузорӣ мекард. Дар дарсҳои мазкур, ки ба пайғамбарон дахл доранд, калимаҳо ва ибораҳои асосӣ махсус қайд шудаанд.

### Ишаъё

Хизматгузории ин пайғамбари бузург ба давраи охирин соли ҳукмронии Уззӣ (ҳамчунин Азарё номида мешавад) то охири ҳукмронии Ҳизқиё рост меояд. Дар ин давра Подшоҳии Шимолӣ – Исроил аз ҷониби Ашшур забт шуда буд. Ашшур ба Яҳудо низ таҳдид мекард, аммо Худо ба таври мӯъҷизаосо қавмро аз ин душман халос кард.

Агарчи Ишаъё ба Исроил пеш аз забти он нубувват карда бошад ҳам, бо вуҷуди ин номаи вай асосан ба халқи Яҳудо равона шудааст. Ӯ аз шумораи зиёди гуноҳҳои онҳо, махсусан аз **БУТПАРАСТӢ** ба ғазаб меомад ва огоҳ мекард, ки дар натиҷаи ин онҳо аз ҷониби Бобил забт хоҳанд шуд.

Ишаъё дар бораи ҷазои Худо ба он халқҳое, ки душманони халқи Ӯ буданд, асосан ба **АШШУР ВА БОБИЛ,** ҳамчунин ба Мӯоб, Димишқ, Миср

ва Сур низ менавишт.

Ва ниҳоят, дар миёни тамоми номаҳои маҳкумкунанда ва фошкунанда вай номаи **ТАСАЛЛОРО** навишт, ки дар он омадани Масеҳро, ягона умеди халқро тасвир мекунад. Вай таваллуди Масеҳ, ҳаёт, уқубат, марг, эҳё ва илова бар ин, подшоҳии пуршарафи Ӯро дар замин пешгӯӣ мекунад. Номаҳои аҷоибро дар бораи Худованд Исо, ки қариб 700 сол пеш аз таваллуди Ӯ навишта шудаанд, хонда, мо Ишаъёро **ПАЙҒАМБАРИ ИНҶИЛӢ** меномем.

| *ЯҲУДО* | *ПАЙҒАМБАРОН* | *ИСРОИЛ* | *ИМПЕРИЯИ ҶАҲОНӢ* |
|---|---|---|---|
| Раҳабъом | | Ёробъом | |
| Абиё | | | |
| Осё | | | |
| | | Нодоб | |
| | | Баъшо | |
| | | Эло | |
| | | Зимрӣ | |
| | | Омрӣ | |
| Еҳӯшофот | Илиёс | Аҳъоб | |
| | | | Сурия |
| Еҳӯром | Элишоъ | Аҳазё | |
| | | Йӯром | |
| Аҳазё | | Еҳу | |
| Аталё | | | |
| Еҳӯош | Юил | Еҳӯоҳоз | |
| | Юнус | Еҳӯош | |
| Амасё | | Ёробъоми 2 | |
| Ӯззӣ (Азарё) | Омӯс | | Ашшур |
| | | Закарё | |
| | | Шаллум | |
| Ютом | Ҳӯшаъ | Менаҳем | |
| | | Фақаҳё | |
| Оҳоз | | Фақаҳ | |
| Ҳизқиё | Микойҳу ИШАЪЁ | Ҳӯшаъ | |
| | | АСОРАТИ АШШУР | |
| | | с.722 пеш аз м. | |

| | | |
|---|---|---|
| Менашше | | |
| | | Сукути Тебес |
| | Наҳум | |
| Омӯн | | |
| Йӣшиёҳу | Сафанё | Сукути Ашшур |
| | | с. 612 пеш аз м. |
| | Ҳабаққуқ | |
| Еҳӯоҳоз | ИРМИЁ | Аввалин ҳуҷуми |
| Еҳӯёқим | Убадёҳу | Бобил |
| Еҳӯёкин | | Ҳуҷуми дуюм |
| Сидқиёҳу | | |
| | ҲИЗҚИЁЛ | Ҳуҷуми сеюм |
| АСОРАТИ БОБИЛ с.586 пеш аз милод | ДОНИЁЛ | Форс |
| | | Куруш |
| Зарубобил | | Дарёвеш 1 |
| | Ҳаҷҷай Закарё | |
| | | Артахшасто |
| Эзро Наҳамё | | Дарёвеш 2 |
| | Малокӣ | |

**Ирмиё ва Навҳаҳои Ирмиё**

Ирмиё чун ***ПАЙҒАМБАРИ НАВҲАКУНАНДА*** маълум аст. Ин калид ба навиштаҳои ӯст. Бинобар ин, сабаби гиряи ӯро ба назар гирифта, мо паёми вайро фаҳмида метавонем. Ирмиё хизматгузории худро ҳангоми ҳукмронии подшоҳ Йӯшиёҳу оғоз кард. Ин пас аз сукути Исроил дар пеши Ашшур ва андаке пеш аз барҳам хӯрдани подшоҳии Яҳудо буд.

Худо ба пайғамбар ошкор кард, ки гуноҳҳои Яҳудо сабаби он мешаванд, ки халқ аз ҷониби **БОБИЛ БА АСОРАТ** гирифта шуда, ҳафтод сол дар асорат хоҳад монд. Вазифаи ғамангези Ирмиё аз он иборат буд, ки ин воқеиятро ба ҳамдиёрони худ эълон намуда, ба онҳо маслиҳат диҳад, ки ба ҳокимияти Бобил **ИТОАТ НАМОЯНД.** Онҳо вайро дар хиёнат айбдор карда, кӯшиш мекарданд, ки ба қатл расонанд.

Вақте Ерусалим тамоман дар пеши истилогарони аҷнабӣ сукут кард, Ирмиё яке аз ононе буд, ки иҷозати дар диёраш монданро дошт, дар ҳоле ки аксарияти халқ ба асорат бурда шуданд. Вай ба одамони боқимонда маслиҳат дод, ки барои кӯмак ба **МИСР** нараванд, аммо онҳо ба маслиҳати вай гӯш надода, Ирмиёро якҷоя бо худ бурданд. Пайғамбар дар он ҷо мурд.

**СУҚУТИЕРУСАЛИМ** замониазобуукубатҳои даҳшатовар буд. Ин фалокати даҳшатантез сабаби навишта шудани китоби **НАВҲАҲОИ ИРМИЁ**

– силсилаи шикоятҳои ашкбор дар бораи азобҳои шаҳр гардид, ки аз дили пайғамбар мебаромаданд.

Илова бар пешгӯии асорати Бобил Ирмиё ҳамчунин пас аз 70 сол аз байн рафтани империяи Бобилро ва ба сарзамини худ баргаштани яҳудиёнро пешгӯӣ кард.

**Ҳизқиёл**

Ин пайғамбар, ки одатан **ПИСАРИ ОДАМ** номида мешавад, ба Бобил бо гурӯҳи дуюми асирон ёздаҳ сол пеш аз хароб шудани Ерусалим оварда шуд. Вай ба бародарони асири худ дар давоми бисту ҳафт соли аввали асорат хизмат кард. Онҳо беҳуда бозгашти фавриро ба Ерусалим интизор буданд. Пайғамбар бошад ба онҳо таълим медод, ки дар аввал бояд ба Худо бозгашт.

Нубуввати вайро ба се қисм тақсим кардан мумкин аст. Дар қисми якум вай гуноҳҳои Яҳудоро номбар карда, дар бораи ҷазои Худо огоҳӣ мекунад, ки дар асорати қавм ва харобшавии Ерусалим зоҳир мешавад. Ҳамаи ин равшан дар рӯъёҳои ғайриоддӣ ва амалҳои рамзнок тасвир ёфтааст. Абри равшану дурахшон, ки ифодагари ҳузури Худо буд, маъбадро пур кард; сипас оҳиста пароканда шуд. Ин рамзи он буд, ки Худо дигар дар миёни халқи Худ аз боиси гуноҳҳояш ҳузур дошта наметавонист ва шамшери ҷазодиҳандаи Ӯ мебоист ба онҳо фуруд меомад.

Дар қисми дуюм ҳамсоягони Яҳудо аз боиси

бутпарастӣ ва берахмӣ нисбат ба халқи Худо малъун шуданд. Инҳо банӣ Аммӯн, мӯобиён, адӯмиён, фалиштиён, **СӮР, СИДӮН, МИСР** буданд.

Ва ниҳоят дар қисми сеюм Ҳизқиёл дар бораи **БАРҚАРОРШАВӢ** *ва* **МУТТАҲИДШАВИИ** тамоми халқ, ҳам Исроил, ва ҳам Яҳудо нақл мекунад. Вақте одамон аз гуноҳҳои худ **ТАВБА МЕКУНАНД**, Худо онҳоро бо **РӮҲУЛҚУДС** *пур мекунад.*

Масеҳ назди халқи Худ омада, охирин душманони онҳоро нобуд мекунад. **МАЪБАД** барқарор шуда, †**АЛОЛИ ХУДОВАНД** ба он медарояд. Ин пешгӯиҳо ҳанӯз иҷро нашудаанд, аммо биёед то подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ мунтазир шавем.

**Дониёл**

Дар миёни гурӯҳи якуми яҳудиён, ки аз ҷониби бобилиён ба асорат гирифта шудаанд, Дониёл ном ҷавонписаре буд. Вай дере нагузашта дар дарбори подшоҳ Набукаднесар мақоми баландро ишғол кард. Дар он ҷо, дар миёни бадахлоқӣ ва бутпарастӣ, Дониёл покии созишнопазир ва вафодории бебоконаро ба Худо нигоҳ дошт.

Ҳангоми ҳукмронии Набукаднесар Дониёл пешгӯӣ кард, ки чор **ДАВЛАТИ** †**АҲОНИИ БУТПАРАСТ,** яке паси дигар вуҷуд хоҳанд дошт, ва маҳз: **ПОДШОҲИИ БОБУЛ, ПОДШОҲИИ**

**МОД ВА ФОРС, ПОДШОҲИИ ЮНОН ВА ПОДШОҲИИ РУМ.** Дар охири **ЗАМОНИ БУТПАРАСТОН** *Худо* **МАЛАКУТИ ХУДРО** дар замин муқаррар мекунад, ки то абад хоҳад буд. Дониёл хизмагузории худро ҳам дар дарбори Бобил ва ҳам дар дарбори подшоҳ Балтшасар давом медод. Ба ин подшоҳ вай эълон намуд, ки империяи Бобил суқут кард ва акнун банӣ Модай ва форсҳо бояд ба ҳукмфармоии ҷаҳонӣ оянд. Дорёвеш як аз аввалин ҳокимони подшоҳии Мод-Форс бар Бобил буд, ва дар даврони ҳукмронии вай Дониёл ба чоҳи шерон партофта шуда буд. Аммо барои вафодор буданаш Худованд ба вай раҳоӣ дода, ҳамчунин дар дарбор мақоми баланд ато кард. Дар рӯъёи "ҳафтод ҳафта"- и худ (490 сол) Дониёл замонеро пешгӯӣ намуд, ки то маслуб шудани Масеҳ мегузарад, сипас вай дар бораи давраи **МУСИБАТИ БУЗУРГ** барои халқи яҳудӣ нақл мекунад, ки пеш аз Тахти Худро барқарор кардани Масеҳ ба амал меояд. Зикри охиринро дар бораи Дониёл дар тасвири ҳукуматдории Куруш пайдо кардан мумкин аст. Ин подшоҳи Форс фармон баровард, ки мувофиқи он яҳудиён

ба сарзамини худ баргашта метавонистанд. Ҳамин тавр, Дониёл дар давоми тамоми асорати ҳафтодсолаи **ЯҲУДО** зиндагӣ кард. Нубувватҳои охирини вай ба охирзамон дахл дорад, вақте **ЗИДДИМАСЕҲ** меояд, вақте душманони Исроил ба охирин ҳамла иқдом мекунанд ва вақте Масеҳ

меояд, то душманони Худро нобуд карда, дар Ерусалим бар халқи эҳёшудааш Малакути Худро барқарор кунад.

## Варақаи санҷишии 16

Дарсатонро такрор кунед.

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти "дуруст" ё "нодурустро" қайд намоед:*

1 Ишаъё ва Ирмиё ҳамаср буданд. Д Н

2 Ишаъё танҳо ба Подшоҳии Шимолии Исроил нубуввват мекард. Д Н

3 Ишаъё барои нубувватҳои бузургаш дар бораи Худованд Исо "пайғамбари инҷилӣ" номида шудаст. Д Н

4 Ирмиё аз ҷониби ҳамдиёрони худ дар хиёнат айбдор шуд, чунки вай ба он суханони Худо, ки ба хоҳиши ҳамдиёронаш мувофиқат намекарданд, вафодор буд. Д Н

5 Вақте нубувватҳои Ирмиё, ки ба бобилиён дахл доштанд, ниҳоят воқеияти даҳшатангез шуд, ҳам- диёронаш вайро чун пайғамбар эътироф намуда, ба маслиҳатҳои вай гӯш доданд. Д Н

6 Пайғамбаре ки дар китоби вай одатан чун "пи-сари одам" меномиданд, Ҳизқиёл ном дошт. Д Н

7 Қисми дуюми нубувватҳои Ҳизқиёл асосан ба айбдоркуниҳое дахл доранд, ки

зидди давлатҳои бутпараст, ки бо Яҳудо
ҳамсоя буданд, равона шудаанд. Д Н

8 Яке аз мавзӯъҳои асосӣ, ки баръало дар нубувватҳои Ҳизқиёл нест, мавзӯи подшоҳии ҳазорсола мебошад. Д Н

9 Дониёл аз замони ҳукмронии Набукаднесар то замони ҳукмронии подшоҳ Куруш дар бадарға дар Бобил буд. Д Н

10 Дониёл аз ҷониби Набукаднесар ба чоҳи шерон партофта шуд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба ин саволҳо ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 7

### ПАЙЃАМБАРОНИ ХУРД

### Ҳушаъ

Дар замоне ки Ишаъё дар Яҳудо нубувват мекард, Ҳушаъ чун пайғамбар дар Исроил маъруф буд. Вай хизматгузориашро аз замони ҳукмронии Ёробъоми 2 сар карда, то замони аз тарафи ашшуриҳо забт шудани халқ – яке аз бадбахтарин давра дар ҳаёти халқи яҳудӣ – давом медод.

Ҳушаъро ба осонӣ чун пайғамбаре дар хотир доштан мумкин аст, ки ***ЗАНИ БЕВАФО*** дошт. Худованд ба вай амр фармуд, ки †умар ном зани зинокорро ба занӣ гирад. Пештара барин зиндагӣ карда, вай аз назди Ҳушаъ меравад, то аз сари нав дар гуноҳ зиндагӣ кунад. Худованд ба хизматгори Худ маслиҳат дод, ки вайро аз бозори фоҳишаҳо харида, баргашта ба баракат оварад.

Сабаби ҳамаи ин, албатта, муносибати Худо ва Исроилро нишон доданаст. Халқ ба **БУТПАРАСТІ** ва бадахлоқӣ даст зада, бевафоиашро нишон дод. Ва солҳои зиёд фарзандони Исроил бе подшоҳ, бе қурбонӣ ва бе қурбонгоҳ хоҳанд монд. Ҳолати имрӯзаи ҷамъият ҳамин гуна аст. Сипас, вақте Исроил дар ***ТАВБА*** назди Худо ***БАРМЕГАРДАД,*** Ӯ лутф хоҳад кард ва он гоҳ ***ЭФРОИМ*** ба таври доимӣ аз **БОЗГАШТ БА БУТҲО** шифо ёфта, ба Худо руҷӯъ хоҳад кард. Ҳушаъ номи онро барои тасвири тамоми даҳ сибти Исроил истифода

бурд, зеро Эфроим сибти аз ҳама калони Исроил ва роҳбарикунанда дар шӯриш бар зидди Худо буд. Китоби мазкур шаҳодати аҷиби муҳаббати вафодори Худо ба халқи бевафои Худ мебошад.

## Юил

Ақидае вуҷуд дорад, ки Юил дар Яҳудо дар замони ҳукмронии Еҳӯош ва Оҳоз нубувват мекард. Ин маънои онро медошт, ки вай аз пайғамбарон аввалин шуда менавишт.

Вай ***ҲУҶУМИ*** даҳшатноки ***МАЛАХРО*** тасвир намуд, ки тамоми заминро хароб кард. Пайғамбар бо ин тасвири пуртаъсир кӯшиши беҳуда мекард, ки ҳамдиёронашро ба тавба даъват кунад, то Худо ба душманони аҷнабӣ имкони забт кардани кишварро надиҳад.

Аммо нубуввати вай дар ***РӮЗИ ХУДОВАНД*** рӯй хоҳад дод, яъне дар замони доварии бузург, ки пеш аз он нишонаҳо ва мӯъҷизаҳои даҳшатангез ба вуқӯъ пайваста, сипас баракати илоҳӣ хоҳад омад.

Юил пешгӯӣ карда буд, ки Худо ба ҳар ҷисм Рӯҳи Худро нозил хоҳад кард. ***РӮЗИ ПАНТИКОСТ*** низ гувоҳи ин буд, аммо иҷрошавии пурраи нубувватҳо дар вақти эҳёшавии Исроил фаро мерасад.

## Омӯс

Ин чӯпони Тақӯо дар замони подшоҳии

Ёробъоми 2 дар Исроил пайғамбар буд. Вай барои мавъиза кардан ба **БАЙТ-ИЛ** фиристода шуда буд, ки дар он ҷо Ёробъоми 1, подшоҳи якуми Исроил, барои ибодат кардан гӯсолаи тиллогин гузошт. То замоне ки Омӯс хизматгузории худро бо пешгӯиҳои ҷазои Худо ба Димишқ, Ѓазза, Сӯр, Адӯм, Омӯн ва Мӯоб маҳдуд мекард, вайро хуб мепазируфтанд. Аммо ӯ бо мухолифат рӯ ба рӯ шуд, зеро вақте ӯ ба Яҳудо ва Исроил муроҷиат карда, нубувват мекард, ки онҳо ***ҶАЗОИ САХТ*** хоҳанд дид, зеро барои **БАРТАРИҲОИ КАЛОН** масъулият доштанд. Ба воситаи якчанд рӯъё вай ғазаби меомадаи Худоро бар Исроил нишон дод. Аммо вай пешгӯӣ намуд, ки Худованд ***БАҚИЯИ*** *халқро* нигоҳ хоҳад дошт ва Исроил дар охир эҳё шуда, ба Худо руҷӯъ хоҳад кард.

**Убадё**

Аниқ муайян кардан номумкин аст, ки Убадё кай зиндагӣ карда буд. Баъзеҳо вайро ҳамасри Ҳушаъ, Юил ва Омӯс меҳисобанд; дигарон дилпуранд, ки вай дар замони асорати халқи яҳудӣ зиндагӣ карда буд. Калимаи асосӣ барои китоби мазкур ***АДӮМ*** аст, чунки пайғамбар ин халқро дар муносибати бадхоҳона нисбат ба халқи яҳудӣ танбеҳ мекунад. Адӯмиён наслҳои Эсов буданд, ва аз ин сабаб ба халқи Исроил муносибати хешӣ доштанд. Аммо, вақте ки Исроил аз Миср ба Канъон раҳсипор шуд, онҳо ба вай имконияти аз

кишварашон гузаштанро надоданд. Чандин сол пас, вақте бобилиён Ерусалимро хароб карданд, адӯмиён золимӣ нишон дода, ба ғорату руздӣ ҳамроҳ шуданд.

Аз боиси ***ҲАВОБАЛАНДӢ*** *ва* ***ЗОЛИМИИ*** адӯмиён Убадё ба онҳо ***НОБУДШАВИИ ПУРРАРО*** пешгӯӣ намуд. Халқи яҳудӣ барои ба анҷом расонидани суқути Адӯм силоҳи Худо хоҳад буд. Ва он гоҳ Исроил озод шуда, тамоми он заминеро ***СОҲИБӢ ХОҲАД НАМУД,*** ки ба вай ваъда карда шуда буд, аз он ҷумла Адӯмро.

**Юнус**

Ақидае ҳаст, ки Юнус дар давоми ҳукмронии Еҳӯоҳоз, Еҳӯош ва Ёробъоми 2 нубувват мекард. Бо вуҷуди ин, санаҳои аниқ маълум нестанд.

Худованд вайро ба ***НИНВЕ*** фиристод, то бо овози баланд дар бораи бадкориҳои ин шаҳр эълон намояд. Ин пойтахти ***АШШУР,*** душмани асосии Исроил буд. Юнус, тарсида, ки Нинве тавба мекунад, ва Худо онро мебахшад, ба Таршиш мегурезад. Вай ба тӯфони сахт афтод ва аз ҷониби гурӯҳи ба ваҳм омадаи киштӣ ба баҳр партофта шуд, ки дар он моҳии бузург вайро фурӯ бурда, сипас ба хушкӣ партофта шуд.

Пас аз ин Юнус ба Нинве рафта, пешгӯӣ намуд, ки пас аз чил рӯз шаҳр хароб хоҳад шуд. Шаҳр ҳангоми мавъизаи вай **ТАВБА КАРД,** ва Худованд вайро боз қариб 150 сол нигоҳ дошт.

Юнус хашмгин шуда буд, ки Нинве аз ҷазои Худо

раҳоӣ ёфт, то даме ки Худо ба вай нишон дод, ки Ӯ ҳақ дорад, то ба онҳое ки мехоҳад, марҳамат кунад.

Дар шиками моҳӣ будани Юнус рамзи

- марг, дафн ва эҳёи Масеҳ,
- рад шудани Исроил, пароканда шудани он дар миёни халқҳо ва эҳёи минбаъдаи он мебошад.

## Микойҳу

Овози ин пайғамбар дар айёми Ютом, Оҳоз ва Ҳизқиё ба гӯш расида буд, қариб дар ҳамон вақте ки овози Ишаъё ба гӯш мерасид.

Вай ба **ХАЛҚ** ва **ҲУКУМАТДОРОНИ СОМАРИЯ ВА ЕРУСАЛИМ** (пойтахти Исроил ва Яҳудо) мурочиат карда буд. Аз боиси бутпарастӣ, беадолатӣ ва бахилӣ ин шаҳрҳо ба харобшавӣ маҳкум шуда буданд, шаҳри якум – аз ҷониби ашшуриён, шаҳри дуюм бошад – аз ҷониби бобилиён.

Дар хусуси шаҳри сеюм, Байт-Лаҳм, бошад, - аз он Масеҳ мебарояд ва бар бақияи наҷотёфтаи Исроил ҳукмронӣ хоҳад кард. Ӯ **АШШУРИЁНРО** нобуд карда, ба Исроил **ОСОИШТАГИ** хоҳад овард. Ва он гоҳ бақияи халқи Исроил хоҳад гуфт: “Кист Худое мисли Ту”.

**Варақаи санҷишии 17**

Худро бори дигар санҷед.

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1 Ҳушаъ ва Ишаъё ҳамаср буданд. Д Н

2 Ҳушаъ Исроилро огоҳ мекард, ки бутпарастӣ дар асл маънои нобовариро ба Яҳве дошт. Д Н

3 Ҳушаъ хеле хуб ҳолати халқи Исроилро бе подшоҳ, бе қурбонӣ ва бе қурбонгоҳ тасвир мекард. Д Н

4 Аввалин аз пайғамбароне ки менавишт, Омӯс буд. Д Н

5 Юил то даме ки Худо вайро барои пайғамбар шудан даъват кард, чӯпон буд. Д Н

6 Омӯс барои нубувват кардан ба Байт-Ил, ки маркази қадими бутпарастӣ дар Исроил буд, фиристода шуд. Д Н

7 Ба Омӯс якчанд рӯъё нишон дода шуд, то ба вай ёрӣ диҳанд, ки ба халқ паёми Худоро расонад. Д Н

8 Нубуввати Убадё асосан ба Адӯм бахшида шуда буд. Д Н

9 Тавбаи сокинони Нинве пас аз мавъизаи Юнус ба онҳо ба муддати яксаду панҷоҳ

сол, то пурра аз ҷониби Худо нобуд шудани шаҳрашон, мӯҳлати муваққатӣ дод. Д Н

10 Микойҳу дар Исроил ва Яҳудо мавъиза карда, пешгӯӣ карда буд, ки пойтахти ин давлатҳо хароб хоҳанд шуд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои мазкур ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 8

### БОЗ ЯКЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ ПАЙЃАМБАРОНИ ХУРД

### Наҳум

Аз сабаби он ки санаҳои аниқи нубуввати Наҳум маълум нестанд, муайян кардан мумкин аст, ки вай тақрибан дар байни нобуд шудани Подшоҳии Шимолӣ ва суқути Ашшур хизматгузорӣ мекард. Ӯ номаи **ТАСАЛЛО** ба Яҳудоро навишт. Дар замоне ки сибтҳои ҷанубӣ аз ҷониби ашшуриён ситам мекашиданд, Наҳум на фақат аз ҷониби душман забт шудани Ерусалим, балки онро низ пешгӯӣ кард, ки Нинве пурра нобуд шуда, ҳаргиз барқарор нахоҳад шуд. Мубориза барои пойтахти Ашшур муфассалан баён шуда буд, аз он ҷумла дамидани дарё ва оташи ҳамаро фурӯбаранда. Наҳум ба харобаҳои Нинве чун ба **ПОДОШИ ОДИЛОНА** ба халқи бераҳм менигарад.

### Ҳабаққуқ

Ҳабаққуқ нубуввати асосии худро дар бораи **ЯҲУДО** тақрибан пеш аз асорати Бобил, эҳтимол, дар замони ҳукмронии Йӯшиёҳу навиштааст.

Дар сари вай ду саволи асосӣ буд. Якум: **ЧАРО** Худо Яҳудоро барои гуноҳҳояш ҷазо надод?

Худованд ҷавоб дод, ки Ӯ ба наздикӣ доварӣ карда, бобилиёнро хоҳад равон кард, то ки онҳо халқи Ӯро тобеъ намоянд.

Аммо пас аз ин Ҳабаққуқ бисёртар парешон шуд. **ЧАРО** Худо Яҳудоро ба воситаи халқе ҷазо медиҳад, ки боз бештар гунаҳкор буд? Худованд ҷавоб дод, ки **ОДИЛ БО ИМОНИ ХУД ХОҲАД ЗИСТ;** дигар хел карда гӯем, ононе ки самимона ба Худо боварӣ доранд, наҷот хоҳанд ёфт, дар ҳоле ки беимонон, аз он ҷумла халқи бераҳми Бобил, ниҳоят нобуд хоҳанд шуд.

Ин ҷавобҳо пайғамбарро бовар кунонданд, ва ӯ бо дуои парастиш дар пеши азамати Худо ба охир расонда, вафодории худро ба Ӯ дар оянда изҳор мекунад.

**Сафанё**

Пайғамбар ба мо мегӯяд, ки вай дар айёми Йӯшиёҳу, подшоҳи **ЯҲУДО** хизматгузорӣ карда буд.

Дар ин китоб мо ду мавзӯи асосиро мебинем: **ДОВАРИИ** Худо ва **ШОДИИ** Ӯ. Сафанё аз боиси бутпарастӣ нобуд шудани **ЯҲУДОРО** пешгӯӣ мекунад. **РӮЗИ ХУДОВАНД** замони хашми бузург, мусибатҳо ва уқубатҳо хоҳад буд. Бақияи халқи Исроил ба тавба даъват хоҳад шуд, ва аз ҳамин сабаб он аз хашми Яҳве раҳоӣ хоҳад ёфт. Халқҳои дигар низ барои зулмашон ҷазо хоҳанд ёфт, дар миёни онҳо: фалиштиён, мӯобиён, банӣ Аммӯн, ҳабашиён ва ашшуриён.

Амалан рӯзи Худованд маънои **ДОВАРИИ УМУМИ†АҲОНИРО** хоҳад дошт. Ягонто аз

гунаҳкорон зинда намемонад.

Аммо Сафанё инчунин дар бораи шодии Яҳве барои халқи эҳёшудаи Худ мегӯяд. Масеҳ ба замин дар ҷалол хоҳад баргашт. Яҳудиён аз асорат баргашта, ба Худо ҳамду сано хоҳанд хонд. Ва вақте онҳо дубора таваллуд мешаванд, Худованд сурудхонон барои онҳо шодӣ хоҳад кард.

**Ҳаҷҷай**

Дар миёни асирони аввалин, ки пас аз асорати ҳафтодсола баргаштанд, пайғамбар Ҳаҷҷай буд. Дар тахти роҳбарии Зарубобил як қисми халқи яҳудиён аз Бобил баргашта, ба **БАРҚАРОР КАРДАНИ МАЪБАД** шурӯъ намуданд.

Аҳли Сомария ба ҳар роҳ ба ин нақша муқобилат мекарданд, ки дар натиҷаи ин кор қатъ шуд. Он гоҳ пайғамбарон Ҳаҷҷай ва Закарё онҳоро барои аз нав сохтани маъбад **РӮҲБАЛАНД МЕКАРДАНД**.

Дар мавъизаи кӯтоҳи худ Ҳаҷҷай

- Яҳудиёнро барои он САРЗАНИШ МЕКУНАД, ки дар хонаҳои оличаноб зиндагӣ карда, онҳо маъбадро дар харобаҳо монданд.
- Онҳоро даъват мекунад, ки дилҳояшонро ба роҳҳои худ гардонда, барои Худованд хона бино кунанд, зеро **ХУДО БО ОНҲО БУД.**
- Дар бораи *беитоатии онҳо* ва дар бораи

ҷазои Худо хотиррасон мекунад.

- **УМЕД МЕБАХШАД**, ки Худованд (ки дилхоҳи тамоми халқҳост) ба маъбад меояд, ва ҷалолиояндаи маъбад аз пештара дида боазамматтар хоҳад буд.

- **ПЕШГӮІ МЕКУНАД**, ки Яҳве ҳамаи подшоҳиҳоро дар замин нобуд месозад, аммо баргузидаҳои Худро нигоҳ хоҳад дошт.

**Закарё**

Аз асорат баргашта, Закарё якҷоя бо Ҳаҷҷай мардумро ба **БАРҚАРОР НАМУДАНИ МАЪБАД РӮҲБАЛАНД МЕКАРД.**

Дар ҳашт рӯъё, забони ниҳоят рамзнокро истифода бурда, вай сукути империяҳои бутпарасти ҷаҳон, ва ҷазо ёфтани дини муртади яҳудӣ, ки Масеҳро рад намуд, **ПОКШАВІ, ЭҲЁШАВІ** ва **†АЛОЛИ** бақияи халқи Исроил ва гул-гулшукуфииояндаи Ерусалимро пешгӯӣ намуд.

Закарё ба мо аз дигар пайғамбарони хурд дида дар бораи **МАСЕҲ** бештар мегӯяд. Вай ба Ерусалим ворид шудани Ӯро, чӣ тавр барои сӣ танга таслим шудани Ӯро, ҷароҳатҳои Ӯро, марги Ӯро, чун **ШУБОН,** бозгашти Ӯро ба кӯҳи Зайтун ва подшоҳии ҳазорсолаи Ӯро чун Саркоҳин ва Подшоҳ пешгӯӣ намуд. Ӯ ҳамчунин дар бораи Масеҳ чун **ДАР БОРАИ НАВДА** ва **БАНДАИ**

*Худо* гуфта буд.

Тасвири ҷалоли меомада, ки аз ҷониби Закарё нишон дода шуда буд, мебоист бинокорони маъбадро водор месохт, ки онҳо бо ғайрати бештаре кор кунанд.

## Малокӣ

Пайғамбари охирини Аҳди Қадим эҳтимол дар охири ҳукмронии Наҳемё мавъиза карда буд. Ин қариб 400 сол пеш аз таваллуди Масеҳ буд. Ҳолати ахлоқии халқ дар дараҷаи хеле паст буд. Дар китоби Малокӣ мо мебинем, ки чӣ тавр Худо ба халқ ҷавоб мегардонад, вақте ки он бо Ӯ баҳсу мунозира карда, ҳолати шахсии худро сафед мекунад.

Дар замони Малокӣ нуқсонҳои зерин дида мешуданд:

- Одамон ба Худо муҳаббат надоштани худро нишон медоданд.
- Коҳинон қурбониҳое меоварданд, ки нуқсон доштанд.
- Онҳо ягон чизро бепул кардан намехостанд.
- Мардони Яҳудо занҳои бутпарастро ба занӣ мегирифтанд.
- Даҳяк намедоданд.

Малокӣ омадани Масеҳро пешбинӣ кард, ки аз ҷониби **ФИРИСТОДАИ** Ӯ, Яҳёи Таъмиддиҳанда

тайёр шуда буд. Дертар вай рӯзи Худовандро пешгӯӣ кард, вақте Офтоби Ҳақиқат, чун доварӣ барои мағрурон ва баракат барои **БАҚИЯИ** амини халқи Исроил, ки Худоро мӯҳтарам медоранд, тулӯъ хоҳад кард.

**Варақаи санҷишии [1]8**

Шумо чиро дар хотир доштед?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти "дуруст" ё "нодуруст"ро қайд намоед:*

1 Наҳум дар давраи байни сукути Исроил ва пароканда шудани Ашшур нубувват мекард. Д Н

2 Ҳам Юнус, ва ҳам Наҳум ашшуриёнро огоҳ мекарданд, ки агар онҳо тавба накунанд, он гоҳ пурра нобуд хоҳанд шуд. Д Н

3 Яке аз саволҳои бузургтарин, ки Ҳабаққуқ ҷавоби онро ёфта наметавонист, аз он иборат буд, ки барои чӣ Худо Яҳудоро бо дастони бобилиён, ки бештар пургуноҳ буданд, ҷазо хоҳад дод. Д Н

4 Худо ба Ҳабаққуқ гуфт, ки онҳое ки ба Худо боварӣ доранд, наҷот хоҳанд ёфт; ҳамаи боқимондагон нобуд хоҳанд шуд. Д Н

5 Ҳабаққуқ бо ҷавоби Худо қонеъ нагардид, вақте кӯшиш мекард, ки ба мушкилии ахлоқии гуноҳ ва ҷазои он ҷавоб пайдо кунад. Д Н

6 Ду мавзӯи асосии нубуввати Сафанё доварӣ ва шодии Худост. Д Н

7 Ҳар ду пайғамбарон, Ҳаҷҷай ва Закарё

яҳудиёни баргаштаро ба сохтани маъбад даъват намуданд. Д Н

8 Закарё воридшавии тантананоки Худовандро ба Ерусалим ва чӣ тавр баъдтар таслим шудани Ӯро пешгӯӣ карда буд. Д Н

9 Малокӣ тақрибан панҷсад сол пеш аз мавлуди Масеҳ нубуввват карда буд. Д Н

10 Одамон дар айёми Малокӣ дарҳол моҳияти гуноҳолуди худро дарк карданд, вақте Худо ба воситаи пайғамбар ба гуноҳҳои онҳо ишорат намуд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои мазкур ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 9

### МАСЕҲ ВА КАЛИСОИ Ӯ

### Китобҳои Инҷил

Китобҳои Инҷил дили Китоби Муқаддас аст, зеро онҳо бо Шахсияти маркази тамоми замон, бо Худованд Исо шинос мекунонанд. Дар асл таърих нақли Ӯст. Дар Инҷилҳо бошад мо ин нақлро пайдо мекунем, ки бо дасти Худо навишта шудааст.

Ҳаёти Наҷоткор дар замин қариб 33 солро дар бар мегирад. Дар аввал мо дар бораи дар батни модар пайдошавии бегуноҳаш ва таваллуд дар охурҳои Байт-Лаҳм, дар бораи гурехтани волидонаш ба Миср ва бозгашташон ба Носира мехонем. Вақте Ӯ 12-сола мешавад, мо бо Ӯ дар Ерусалим ҳангоми иди Фисҳ вомехӯрем, аммо пас аз ин, тақрибан то сисолагиаш, таърихи ҳаёти Ӯ тасвир намешавад.

Дар сисолагӣ Худованд аз ҷониби Яҳёи Таъмиддиҳанда таъмид ёфта, сипас дар давоми 40 рӯз аз ҷониби шайтон озмуда шуд. Дарҳол пас аз ин вай ба хизматгузории оммавӣ шурӯъ намуд, ки барои қулай будан онро ба се қисм тақсим кардан мумкин аст:

- Дар Яҳудо қариб як сол;
- Дар Ҷалил тақрибан як сол ва нӯҳ моҳ;

• Дар Перея қариб чор солё панҷ моҳ;

Хизматгузории Ӯро бо хусусиятҳои муайян тавсиф кардан мумкин аст:

**1.** Барои исбот намудан, ки Ӯ Писари Худо ва Подшоҳи Исроил аст, Ӯ мӯъҷизоти зиёдеро нишон дод.

**2.** Ӯ ба одамон ҳақиқатҳои бузургро таълим медод, аз он ҷумла Малкути Худоро – чӣ тавр метавон ба он ҷо дохил шуд ва чӣ тавр сокинони он бояд рафтор кунанд. Ҳангоми хизматгузорӣ вай масалҳо, мисолҳо ва иқтибосҳоро аз Аҳди Қадим истифода мебурд.

**3.** Ӯ дувоздаҳ шогирдро даъват намуда, онҳоро таълим дод ва назди яҳудиён фиристод, то Инҷилро ба онҳо мавъиза кунанд. Аммо аз боиси он ки шогирдонаш аз ҷониби халқи худи Ӯ бо муқобилат ва нафрат рӯ ба рӯ шуданд, Ӯ хизматгузориашро ба ғайрияҳудиён равона карда, Худро ба ҳамаи ононе Наҷоткор эълон намуд, ки Ӯро бо имон қабул кунанд. Ӯ якчанд маротиба марг ва эҳёи Худро пешгӯӣ намуда, азобҳои даҳшатангезро барои халқи Исроил, ки барои рад кардани Ӯ тайёр буданд, пешакӣ хабар дод.

Ва ниҳоят Ӯ ба Иерусалим ботантана ворид шуд ва мардум Ӯро бо шодии умум пешвоз гирифтанд. Аммо роҳбарони динӣ зидди вай суиқасд карда, бо Яҳудо паймон бастанд, ки вай Ӯро таслим намояд.

Ҳангоми омадан ба Ерусалим Худованд

Исо якҷоя бо шогирдонаш иди Фисҳро ҷашн гиририфта, дар баробари ин Шоми Худовандро чун ёддоварии доимӣ дар бораи Ӯ дар маргаш муқаррарнамуд.Сипасбосилсилаиқатънашаванда азобҳои ҷонии Ӯ дар боғи Ҷатсамонӣ, аз ҷониби Яҳудо таслим шудани Исо, доварии яҳудиён (ки дар он Петрус қатъиян Худовандро инкор кард) ва доварии румии Пилотус ва Ҳиродус.

Агарчи аён буд, ки Писари Худо беайб буда, аз рӯи шаҳодати бардурӯғ айбдор шудааст, ба ҳар ҳол Пилотус ба хоҳиши мардум гузашт намуда, фармон дод, ки Ӯро мехкӯб кунанд. Дар миёни ду роҳзан мехкӯб шуда, Наҷоткор дар азоб ва хун мурд. Аз як тараф, Ӯ бо дасти одамони бераҳм кушта шуд. Аммо аз тарафи дигар, Ӯ бо ихтиёри худ ба салиб баромад, барои гуноҳ ҷазои Худоро дид, то гуноҳкороне, ки ба Ӯ имон доранд, наҷот ёфта тавонанд.

Бадани Ӯ дар қабри нави Юсуф, ки аз аҳли Ҳаромот буд, дафн шуд, ва дар рӯзи сеюм Ӯ аз мурдагон бархост. Пас аз ин Ӯ якчанд маротиба ба шогирдони Худ ва имондорони дигар дар давоми чил рӯз зоҳир мешуд, ва сипас ба осмон сууд карда, ба ямини Худо Падар – чун Мир ва Наҷоткор нишаст.

Ҳамаи корҳои Исо дар китобҳои Инҷил тасвир нашудаанд. Агар ҳаёти Ӯро тасвир кунӣ, он гоҳ "тамоми дунё ҳам он китобҳои навишташударо ғунҷоиш дода наметавонист" (Юҳ. 21:25).

“Аммо ин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо Масеҳ ва Писари Худост; ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбед” (Юҳ. 20:31). Китобҳои Инҷил адабиёти нодир ҳастанд. Онҳо аз чор тасвири гуногуни Одами комил ва бегуноҳ иборатанд. Ҳаёти Худованд чунон ҳақиқӣ ва табиист, ки мо Ӯро чун яке аз мо ҳис мекунем; аммо ҳаёти Ӯ чунон комил аст, ки ҳеҷ кас дар он нуқс пайдо карда наметавонад. Ягон одам қобил нест, ки таърихи ҳаёти одами бегуноҳро нависад. Чор Инҷил аз ҷониби Рӯҳулқудс навишта шуда буданд.

Аммо барои чӣ чор Инҷил? Оё якто кофӣ набуд? Ҷавоб оддист: чор инҷилнавис Худованд Исоро аз нуқтаи назари гуногун ё бо мақсадҳои гуногун нишон медиҳанд.

Матто Худованд Исоро чун Писари Довуд ва **ПОДШОҲИ ЯҲУДИЁН** нишон медиҳад. Мо Масеҳро ҳангоми таваллуд шуданаш, ҳангоми аз ҷониби Яҳёи Таъмиддиҳанда таъмид гирифтанаш, ҳангоми озмоиш шуданаш, ҳангоми қабул ва рад шуданаш мебинем. Пеш аз ҳама, Матто шавқманд аст, ки Масеҳро чун Подшоҳи яҳудиён нишон диҳад, бинобар ин вай насабномаи Ӯро аз Довуд то Иброҳим тадқиқ мекунад.

Марқӯс Писари Худоро чун **ХИЗМАТГОР** тасвир мекунад, ки ба ин ҷаҳон барои иҷро кардани иродаи Падари Худ меояд. Насабнома оварда намешавад, чунки вазифаи Хизматгор аз

пайдоиши Ӯ дида хеле муҳимтар аст.

Мақсади Луқо аз он иборат аст, ки Худованд Исоро ба мо ПИСАРИ ОДАМ нишон диҳад. Бинобар ин дар боби сеюм насабнома то Одам, инсони аввалин, тасвир мешавад. Дар Инҷили Луқо мо бо Худованд Исо чун бо Одаме дар миёни одамони дигар шинос мешавем, ки ба онҳо хизмат мекунад, онҳоро ҷустуҷӯ мекунад, ва наҷот медиҳад.

Инҷили Юҳанно аз дигар инҷилҳо хеле фарқ мекунад. Инҷо Масеҳ чун **ПИСАРИ ХУДО** тасвир шудааст. Насабнома дода намешавад, аммо ба ҷои ин Ӯ Калом номида мешавад, ки дар ибтидо буд. Ӯ – Худои ҷовидон аст! Боз як фарқи муҳим ин аст, ки танҳо Юҳанно хизматгузории Наҷоткорро дар Яҳудо тасвир мекунад; инҷилнависони дигар дар бораи хизматгузорӣ дар Ҷалил ва Перея нақл мекунанд. Чор нақли гуногун дар бораи Масеҳ ба мо имконият медиҳад, ки Ӯро нисбат ба шогирдонаш, ки ҳангоми дар замин буданаш наздаш буданд, амиқтар ва наздиктар дарк намоем. Барои ин мо бояд то абад миннатдор бошем.

## Аъмоли Ҳаввориён

Китоби мазкур таърихи кӯтоҳи таъсис ва оғози калисои масеҳӣ аст. Баъзеҳо онро Аъмоли Рӯҳулқудс меноманд, чунки Ӯ шахсияти асосии ин китоб аст. Дар ин китоб ҳамчунин аъмоли

ду ҳаворӣ, Петрус ва Павлус, тасвир ёфтааст. Тасвири хизматгузории Петрус дар дувоздаҳ боби аввал мебошад. Он дар рӯзи Пантикост, вақте Рӯҳулқудс фуруд омада, калисо бунёд гардид, сар мешавад. Дар мавъизаҳои худ Петрус эҳёшавӣ ва ҳукмронии Масеҳро таъкид мекунад. Калисое ки дар Ерусалим таъсис ёфтааст, қариб пурра аз яҳудиёни имоноварда иборат буд. Сипас замони таъқибот омад, дар ин замон Истефанус ҳабс шуд ва сангсор шуда кушта шуд – вай аввалин шуда риёзаткаши[1] Калисо гардид. Акнун имондорон дар сар то сари Яҳудо ва Сомария пароканда шуда, Инҷилро мавъиза мекарданд. Бар зидди хоҳиши худ Петрус назди ғайрияҳудиён фиристода шуд, то ба онҳо Хабари Хуш расонад, бинобар ин, акнун Калисо дигар бо мавъизаи Инҷил танҳо дар миёни яҳудиён маҳдуд намешуд. Аз боиси он ки халқи яҳудӣ рад кардани Хабари Хушро идома медод, аксарияти аъзоёни Калисоро ғайрияҳудиён ташкил медоданд.

Аз ояти 13:4-и Аъмоли ҳавввориён сар карда ва то охири китоб дар бораи Павлус нақл карда мешавад. Барои таъқиботи масеҳиён ба Димишқ рафта, Павлус наҷот ёфт ва хизматгузориашро дар миёни ғайрияҳудиён, чунон ки Петрус дар миёни яҳудиён, шурӯъ кард. Хизматгузории вайро метавон ба се сафари асосии миссионерӣ (ба харита нигаред) ва сипас боз як сафар ба Рум, аммо аллакай ҳамчун маҳбус, тақсим кард.

[1] *Риёзаткаш - шахсе ки дар роҳи дин бо азобҳо кушта мешавад*

Аввалин сафари миссионерӣ аз Антиёхияи Сурия сар мешавад. Павлус хабарро дар бораи Масеҳ ба Қиприс ва ба якчанд шаҳри Осиёи Хурд мебарад.

Дар сафари дуюми миссионерии худ Павлус боз аз Осиёи Хурд боздид карда, сипас ба воситаи баҳр ба Мақдӯния ва Юнон равон мешавад, ва ниҳоят ба воситаи Эфсӯс ва Қайсария ба Антиёхия бармегардад. Дар давоми ин сафарҳо вай номаҳо ба *таслӯникиён* менависад.

Дар давоми сафари сеюми миссионерӣ Павлус аз Осиёи Хурд, Мақдӯния, Юнон боздид карда, ба Ерусалим қад-қади соҳили ғарбӣ ва ҷанубии Осиёи Хурд баргашт. Дар давоми ин сафар вай ба *қӯринтиён, румиён ва ғалотиён* Номаҳои якум ва дуюмро навишт.

Дар роҳ ба хона аз саёҳати сеюми худ Павлусро якчанд маротиба огоҳ мекарданд, ки вай ба Ерусалим наравад, чунки вайро метавонанд ҳабс намуда, ба зиндон партоянд ва шояд ҳам ба қатл расонанд. Ба ҳар ҳол вай дар бозгашт истодагарӣ намуд, ва қариб дарҳол пас аз ин вайро якчанд яҳудиёни Асия дар нопок кардани маъбад бардурӯғ айбдор намуданд. Вай дар пеши шӯрои пирон ва сипас дар пеши Феликс, Фестус ваАғрипос ҳозир шуд. Пас аз он ки вай доварии императорро талаб кард, ӯро ба Рум фиристоданд, то дар пеши қайсар ҳозир шавад. Киштӣ начандон дур аз Малит шикаст, ва гурӯҳи киштӣ бо

мусофирон маҷбур шуданд, ки зимистонро дар он ҷо гузаронанд. Ниҳоят вақте Павлус ба Рум расид, ба вай иҷозат дода шуд, ки дар хонаи ҷудо зиндагӣ кунад. Ин ҷо вай ду сол зиндагӣ карда, ба ҳамаи шахсоне ки бо онҳо вомехӯрд Каломи Худоро мавъиза мекард ва Номаҳои зиндонии худро ба эфсӯсиён, филиппиён, қӯлассиён ва ба Филемӯн навишт.

Агарчи китоби Аъмол бо ин тамом шавад ҳам, шаҳодатҳои он ҳаст, ки Павлус пас аз ҳабсшавии аввалинаш озод шуда, аз сари нав фаъолона сафар мекард. Бешубҳа аст, ки маҳз ҳамин вақт вай номаи Якумро ба *Тимотиюс, Титус,* ва ҳамчунин ба *яҳудиён* навишт (агар Павлус муаллифи ин нома буд). Ақида ҳаст, ки Павлус пас аз ин бори дуюм ба Рум оварда шуда, ба зиндон андохта шуд. Номаи дуюми вай ба *Тимотиюс,* бешубҳа, ҳамин вақт, андаке пеш аз қатлаш, навишта шуда буд.




CAcDAPH 5IKYMH MHCCHOHEPHM cDHPHCTO)lA IIABJIYC




CAcDAPH J(YIOMJ1 Ml1CC110HEPHI1 cDHPI1CTOJ(A [lABJIYC






CA<DA PH X,ABBOPM IlABJJYC I>A PYM

**Варақаи санҷишии [1]9**

Оё шумо пешрафт доред?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1 Худованд Исо ба таври умум дар замин қариб сию се сол зиндагӣ кард.
Д Н

2 Хизматгузории оммавии Худованд дар Яҳудо, Ҷалил ва Перея мегузашт. Д Н

3 Мӯъҷизоте ки Исо нишон дод, исбот намуданд, ки Ӯ Писари Худо ва Масеҳи Исроил аст. Д Н

4 Худованд Исо пеш аз қатъиян ба марг маҳкум шуданаш, ба ҳузури се довар истод (як довари яҳудӣ ва ду довари ғайрияҳудӣ). Д Н

5 Марги Исоро дар салиб фақат метавон ҳамчун тақлиди рӯякии адолат фаҳмид. Д Н

6 Китобҳои Инҷил тамоми ёддоштро дар бораи он ки Исо дар давоми хизматгузории оммавӣ чӣ кор карда буд, дар бар мегирад. Д Н

7 Ҳар чор инҷилнавис дар бораи Исо аз нуқтаи назари монанд накл

мекунанд. Д Н

8 Калисо дар рӯзи Пантикост
таваллуд ёфт. Д Н

9 Худо Павлусро интихоб намуд, то
ҳаввории ғайрияҳудиён бошад, чунон
ки Петрусро интихоб кард, то ҳаввории
яҳудиён бошад. Д Н

10 Ҳангоми аввалин бор дар Рум зиндонӣ
шуданаш, ҳавворӣ Павлус чор китоби
Аҳди †адидро навишт. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои мазкур ҷойгир шудаанд.*

## Дарси 10

### НОМАҲОИ ҲАВВОРІ ПАВЛУС

### Ба румиён

Дар ҳоле ки Аъмол таърихи калисоро тасвир мекунад, дар Номаҳо таълимоти бузург ва доктринаҳои калисо дода мешаванд. Дар Нома ба румиён, масалан, таълимот дар бораи сафедшавӣ бо имон ошкор карда мешавад. *(Сафедшавӣ маънои онро дорад, ки Худо гунаҳкорро аллакай барои осмон ҳамон лаҳзае муносиб мебинад, ки гунаҳкор ба Худованд Исои Масеҳ имон меоварад.)* Дар аввали ин нома Павлус нишон медиҳад, ки тамоми одамон дар пеши Худо гуноҳкор мебошанд. Сипас вай мегӯяд, ки Худованд Исои Масеҳ чун ҷонишин барои гуноҳкорон мурд ва одамон метавонанд фақат ба воситаи имон овардан ба Ӯ наҷот ёбанд. Аз ин сабаб вай таъкид менамояд, ки:

- наҷот на бо риоя намудани шариат ё корҳои нек, балки ба воситаи имон ба даст оварда мешавад;
- ҳам ғайрияҳудиён, ҳам яҳудиён фақат ба ҳамин тариқ наҷот ёфта метавонанд;
- ҳеҷ кас, ҳеҷ гоҳ бо роҳи дигар наҷот наёфта буд, ҳатто дар замонҳои Аҳди Қадим.

Пас аз тасвири бартариҳои аҷиби сафедшавӣ

ба воситаи Масеҳ Павлус таъкид мекунад, ки сафедшавии ба даст овардашуда барои ба сар бурдани ҳаёти порсоёна водор месозад. Масеҳиён чунин меҳисобанд, ки бо Масеҳ мурда, дафн шудаанд. Акнун онҳо барои писанд омадан ба Худо зиндагӣ мекунанд. Рӯҳулқудсе ки дар онҳо сокин аст, ба онҳо қувват медиҳад, то ҳаёти порсоёна ба сар баранд. Дар ҷавоб ба он ки, Инҷил гӯё ба ваъдаҳои собиқи Худо нисбат ба халқи Исроил беэътиноӣ мекунад, Павлус эътироз карда, мегӯяд, ки ҳолати ҳозираи Исроил, чун халқи радшуда ниҳоӣ ва анҷомёфта нест. Худованд ваъдаҳояшро иҷро мекунад, вақте қисми амини халқ Худованд Исоро чун Масеҳи худ қабул мекунад.

Панҷ боби охирин тавсияҳои амалӣ оиди он мебошанд, ки чӣ тавр сафедшудагон бояд муносибатҳои худро бо Худо, бо ҳокимиятҳои шаҳрвандӣ, бо ҷаҳон, бо бародарони онҳо созанд.

Ба ақидаи бисёриҳо, Нома ба румиён тасаввуроти хеле муҳим ва возеҳи таълимоти масеҳӣ мебошад.

**Номаи якум ба қӯринтиён**

Сабаби навишта шудани номаи якум ба калисо дар Қӯринтӯс хабарҳое шуданд, ки аз онҳо Павлус дар бораи мушкилоти ин калисо, ва масъалаҳои баъзе имондорон шунида буд. Аз рӯйхати дар зер овардашуда дидан мумкин аст, ки ҳолати калисо чӣ гуна буд:

- Ҷудоӣ ва кашмакаш дар калисо (боб.1-4). Қӯринтиён роҳбарони башариро ба калисо бардор-бардор мекарданд, ва онҳоро бояд барои чунин рафтори ҷисмонӣ сарзаниш намуд.

- Яке аз аъзои калисо гуноҳ содир карда буд (боб.5). Калисо набояд инро сарфи назар кунад, то даме ки зинокор гуноҳашро эътироф накунад ва аз он даст накашад.

- Масеҳиён якдигарро ба мурофиаҳо мекашанд (6:1-11). Ин манъ аст; бояд ҳама масъалаҳоро дар даруни ҷамоат ҳал кард.

- Нопокии шахсӣ. Ин ҳамчунин раво нест; охир бадани масеҳӣ маъбади Рӯҳулқудс аст.

- Никоҳ (боб. 7). Хонадор шудан ягон чизи ҳатмӣ намебошад, баъзан муҷаррад мондан ба мақсад мувофиқ аст. Аммо, мувофиқи қоидаи асосӣ, марду зан бояд никоҳ кунанд, то аз корҳои бадахлоқона накунанд.

- Қурбонӣ овардан ба бутҳо (боб. 8-10). Агарчи дар хӯрдани чунин гӯшт ягон чизи бад нест, мо набояд ягон чизе кунем, ки масеҳии дигарро ранҷонда метавонад.

- Мавқеи зан дар хизматгузорӣ (боб. 11:1-16). Зан бояд сарашро бо рӯймол ҳамчун рамзи ҳокимият бар вай, барои фариштагон бандад.

- Шоми Худованд (боб. 11:17-34). Одам бояд пеш аз иштирок дар шоми Худованд худро тафтиш кунад.
- Бахшоишҳои рӯҳонӣ (боб. 12-14). Бахшоишҳое ки ҷило медиҳанд на ҳамеша аз ҳама беҳтар ҳастанд. Дар асл, онҳо бе муҳаббат ягон арзиш надоранд.
- Эҳё (боб. 15). Боби понздаҳум яке аз баёноти барҷастатарини таълимот дар бораи эҳёи бадан мебошад.
- Ѓамхорӣ дар бораи бенавоён (боб. 16). Нома бо дархости ҷамъ кардани пул бар нафъи камбағалон ба анҷом мерасад.

**Номаи дуюм ба қӯринтиён**

Номаи додашуда ду мавзӯи асосиро дар бар мегирад. Мавзӯи якум ва хеле муҳим ба он бахшида шудааст, ки ҳавворӣ хизматгузории худро ҳимоят мекунад. Аз афташ, баъзе душманони ҳақиқат дар Қӯринтӯс шӯр бардошта, Павлусро чун ҳаввории ҳақиқии Худованд Исо рад намуданд. Дар ҷавоб ба ин айбдоркуниҳо Павлус муҳим будани хизматгузории бузургро, ки ба вай вогузор шудааст ва чӣ тавр вай аз боиси ин хизматгузорӣ уқубат кашидааст, тасвир мекунад. Вай хизматгузории худро бо он муқоиса мекунад, ки чӣ тавр муаллимони дурӯғин рафтор мекунанд, ва ба қӯринтиён хотиррасон мекунад,

ки онҳо худашон гувоҳи хизматгузории ҳақиқии вай буданд, зеро онҳо аз наҷот ба воситаи вай хабардор шуданд.

Мавзӯи дуюм ба даъвати пуртаъсири Павлус барои саховатмандона хайрот додан ба ситамкашон ва мӯҳтоҷон дар Ерусалим бахшида шудааст. Қӯринтиён бояд ба Худованд Исо тақлид намоянд, зеро Ӯ ки сарватманд аст, бенаво шуд, то мо бо бенавоии Ӯ сарватманд гардем.

**Нома ба ғалотиён**

Паз аз он ки Павлус аз Ѓалотия боздид намуда, дар он ҷо калисо бунёд кард, муаллимони дурӯғин ба рад кардани аҳамиятнокии ӯ, чун ҳаввори̅, сар карда, масеҳиёнро таълим медоданд, ки барои наҷот хатна ва риоят намудани шариат зарур аст. Дар номаи худ Павлус дар навбати аввал нишон медиҳад, ки супоришҳояш ба вай аз ҷониби Худи Худованд Исо дода шудаанд, бинобар ин Инҷили вай илоҳи̅ буд. Ӯ исроркорона мегӯяд, ки наҷотро на бо риоят намудани шариат, балки фақат бо файз ба даст овардан мумкин аст. Шариат танҳо ононеро маҳкум карда метавонад, ки онро иҷро намекунад; он ҳаёт бахшида наметавонад. Худованд ба одамон барои он шариат дод, ки эҳтиёҷи онҳоро ба Наҷоткор нишон диҳад. Наҷот ёфта, онҳо аз лаънати шариат бо фидия озод шудаанд. Аз ҳамин вақт на шариат, балки Масеҳ қоидаи ҳаёти онҳо мебошад. Сипас Павлус

имондоронро рӯҳбаланд мекунад, ки бо шодии озодии масеҳӣ зиндагӣ карда, роҳ надиҳанд, ки онҳоро бо бандҳои шариат банданд. Вай ба онҳо хотиррасон мекунад, ки салиб ба кӯшишҳои шахсии онҳо барои наҷот ёфтан хотима дод ва акнун онҳо на бо қуввати бадани худ, балки бо қуввати Рӯҳулқудс зиндагӣ мекунанд.

**Варақаи санҷишии 10**

Шумо чиро дар хотир доштед?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1 Номаҳо таълимоти муҳим ва доктринаҳои калисоро дар бар мегиранд. Д Н

2 Мавзӯи асосии Нома ба румиён идора кардани калисо мебошад. Д Н

3 Мувофиқи Нома ба румиён одамон танҳо бо имон ба Худованд Исои Масеҳ наҷот меёбанд. Д Н

4 Нома ба румиён таълим медиҳад, ки одами наҷотёфта бояд ба таври муносиб зиндагӣ кунад. Д Н

5 Дар Нома ба румиён Павлус ошкоро ҳар гуна зикрро дар бораи яҳудиён ба эътибор намегирад. Д Н

6 Аввали Номаи якум ба қӯринтиён ба мухолифату кашмакашиҳо дар калисои Қӯринтус дахл дорад. Д Н

7 Павлус ба қӯринтиён таълим медод, ки агар зарурат пайдо шавад, масеҳии нек бояд бародарро бо суди давлатӣ доварӣ кунад. Д Н

8 Павлус қӯринтиёнро таълим медод, ки барои бахшоишҳои аз ҳама дурахшон кӯшиш

намоянд, зеро онҳо аз ҳама
муҳим ҳастанд. Д Н

9 Павлус дар мактубҳо ба масеҳиён ҳаргиз масъалаҳоеро зикр намекунад, ки ба пул дахл доранд. Д Н

10 Павлус дар Номаи худ ба ғалотиён кӯшиш мекард, то зидди ақидаҳое мубориза барад, ки гӯё маҷмӯи қоидаҳову дастурот (монанд шариати Мусо) қисми асосии масеҳият буда метавонистанд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои мазкур ҷойгир шудаанд.*

# Дарси 11

## БОЗ ЯКЧАНД НОМАИ ПАВЛУС

### Нома ба эфсӯсиён

Дар се боби аввали ин нома он мақоми махсус тасвир мешавад, ки Худо ҳамаи имондорони ҳақиқиро ба он мерасонад; онҳо “дар Масеҳ” ҳастанд, ин маънои онро дорад, ки онҳо низ дорои чунин баракат ва ҳусни таваҷҷӯҳи Худо мебошанд, чунон ки Худованд Исо дошт. Ба ҷои дар замин баракати моддӣ ёфтан, фарзанди Худо дорои баракати фаровони рӯҳонӣ дар осмон, дар Масеҳ шуд. Ин баракат кафорат, бахшиши гуноҳҳо, ба воситаи Масеҳ қабул кардани имондорон, ба оилаи Худо қабул шудан ва бахшоиши Рӯҳулқудсро дар бар мегирад. Дар бобҳои дуюм ва сеюм Павлус ҳақиқатро дар бораи он ошкор мекунад, ки тамоми имондорон, яҳудиён ва ғайрияҳудиён, аъзоёни калисо ҳастанд, ва Масеҳ санги кунҷ мебошад. Ин калисо ёдгории абадии ҳикмати Худо дар пеши сокинони осмонӣ хоҳад буд.

Се боби охирин дар бораи он мегӯянд, ки имондорон бояд шоистаи бартариҳои бузурги худ бошанд. Онҳо бояд бо ҳамдигар дар сулҳ зиндагӣ кунанд; бахшоишҳои аз ҷониби Худо атошударо барои обод кардани калисо истифода намоянд; ва аз ҳама муҳимаш ин ки пайравони Масеҳ бошанд.

## Нома ба филиппиён

Монанди Нома ба эфсӯсиён, ин мактуб ҳангоми дар Рум зиндонӣ будани Павлус навишта шуда буд. Аммо чунон ки шахсе гуфтааст, он “тамоман ягон таъми зиндон”-ро надорад. Баръакс, Павлус барои шодии бузург сабаб пайдо карда, нишон медиҳад, ки шодии масеҳӣ дар Масеҳ аст, ва ба вазъиятҳои заминӣ вобаста нест. Павлус барои хайроти моддие ки онро филиппиён ба воситаи Эпафрӯдитус ба вай фиристода буданд, аз самими дил изҳори миннатдорӣ баён кард. Вай шод аст, ки ҳабсшавии вай омили паҳншавии Инҷил гардид ва ҳатто агар вай маҳкум шавад, “марг дастовард аст”. Вай муқаддасонро ба ҳаракат меоварад, ки аз Масеҳ ибрат гирифта, шодии худро бо ваҳдат ва фурӯтанӣ пурратар кунанд ва дар бораи пайғамбарони дурӯғин огоҳ менамояд; нишон медиҳад, ки тамоми ҷалоли заминӣ ва тамоми комёбиҳои заминиро вай аз барои Масеҳ хокрӯба меҳисобад. Дар охир ҳаввории бузург зарурияти дар ваҳдат, шодӣ, худидоракунӣ, боварии дуо, фикрҳои пок изҳор мекунад; вай бори дигар ба онҳо барои атоҳояшон миннатдорӣ баён намуда, боварӣ мекунонад, ки Худо ҳар эҳтиёҷи онҳоро ба ҳасби сарвати Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.

## Нома ба қӯлассиён

Маълум шуд, ки муқаддасон дар Қӯлассо ба

хатаре рӯ ба рӯ шуданд, ки бо фалсафа, анъанаҳо, расму оин ва шариатпарастӣ аз Худо дур шаванд. Бо ин нома Павлус кӯшиш мекунад, ки онҳоро ба хусусиятҳо ва аъмоли пуршарафи Масеҳ ҷалб намояд. Ӯ таъкид мекунад, ки Масеҳ Офаранда ва тимсоли Худои ноаён буда, сари бадани калисост. Ҷӯлассиён бояд бартарии шахсият ва камолоти меҳнати наҷотдиҳандаи Ӯро дарк намоянд. Агар имондорон дар Ӯ комил бошанд, онҳо набояд ба динҳои бардурӯғ ҳамроҳ шаванд, балки ба Масеҳи эҳёшуда таваккал намуда, мисли дар Ӯ эҳёшуда зиндагӣ кунанд. Дар охир тавсияҳои амалӣ ба тарзи ҳаёти порсоёна дода шудаанд.

## Номаи якум ба таслӯникиён

Чунин ҳисоб карда мешавад, ки ин номаи аввалинест, ки аз ҷониби Павлус навишта шудааст. Дар ҳар боб вай бозгашти Масеҳро нишон медиҳад, ва ҳар бор бо мақсадҳои гуногун.

Боби якум: омадани Масеҳ умеди бобаракат барои ҳамаи ононест, ки имон овардаанд.

Боби дуюм: бозгашти Худованд барои ҳамаи ононе ки ба Ӯ вафодорона хизмат кардаанд, шодӣ ва мукофот хоҳад буд.

Боби сеюм: масеҳиён бояд ҳамдигарро дӯст доранд ва ҳаёти одилона ба сар бурда, мунтазири омадани Ӯ бошанд.

Боби чорум ин тасаллои бузург аст, ки муқаддасони мурда ҳангоми омадани Ӯ эҳё хоҳанд

шуд; муқаддасони зинда бо онҳо хоҳанд бархост, то Ӯро пешвоз гирифта, бо Ӯ то абад бошанд.

Боби панҷум: барои ҷаҳон, рӯзи Худованд аз омадани Масеҳ сар хоҳад шуд. Ин рӯз замони хашм ва мусибатҳо мешавад. Ин ҳодисаҳои меомадаро интизор шуда, масеҳиён бояд бо имон ва умед зиндагӣ кунанд.

**Номаи дуюм ба таслӯникиён**

Дар номаи якум Павлус дар бораи рӯзи Худованд чун дар бораи замони мусибатҳои бузург зикр мекунад. Доимо ба таъқибот гирифтор шуда, баъзе таслӯникиён барои он ғам мехӯрданд, ки, шояд рӯзи Худованд аллакай сар шудааст. Ҳаворӣ ин мактубро барои он менависад, то нишон диҳад, ки ин хел буда наметавонад.

- Масеҳ пеш аз ҳама барои муқаддасонаш меояд, то онҳоро назди Худ барад;
- сипас замони муртадӣ ё хиёнат фаро мерасад;
- одами гуноҳ пайдо мешавад, ки ҳамчунин зиддимасеҳ маълум аст.

Умед ба бозгашти наздики Масеҳ бояд ба ҳамаи имондорон оромӣ бахшад. Аммо масеҳиён набояд мунтазири омадани Масеҳ шуда, меҳнат карданро бас кунанд. Баръакс, онҳо бояд дар фурӯтанӣ зиндагӣ карда, аз кардани кори нек монда нашаванд.

## Номаи якум ба Тимотиюс

Номаи якум ба Тимотиюс асосан ба тартиби калисо бахшида шудааст.

Дар боби якум, масалан, аҳамиятнокии нигоҳ доштани таълимоти солим таъкид карда мешавад. Боби дуюм ба дуо бахшида шудааст, ҳамчунин аз занҳо хоҳиш карда мешавад, ки хоксорона либос пӯшида, аз хизматгузории оммавӣ дар калисо худдорӣ намоянд. Шартҳои хизматгузории усқуф (яъне шубон) ва ходим дар боби сеюм дода шудаанд. Дар се боби охирин Павлус ба Тимотиюс тавсияҳоеро медиҳад, ки ба хизматгузории вай, муносибатҳо бо шубон, бевазанҳо ва хизматгорони ӯҳдадор дахл доранд. Вай ӯро даъват мекунад, ки нигоҳдорандаи амини ҳақиқате бошад, ки ба вай супурда шудааст, ва ӯро дар марҳамати Худо бовар мекунонад.

## Номаи дуюм ба Тимотиюс

Ин нома ҳангоми охирин маротиба зиндонӣ шудани Павлус навишта шуда буд. Рӯйдодҳоро назорат карда, ҳаввории рӯйгардонӣ аз имон ва мушкилоти афзуншавандаи калисоро медид. Инро ба назар гирифта, вай Тимотиюсро даъват мекунад, ки ҳангоми хизматгузории худ ҷасур ва ғайюр бошад. Ҳангоми дар болояш фаро расидани торикӣ, Тимотиюс бояд дигаронро барои муаллим шудан, чун сарбози хуб тамоми мушкилотро собитқадамона аз сар гузарондан,

ва аз ҳар гуна бадӣ худро канорагирӣ кардан таълим диҳад. Павлус пешгӯӣ мекунад, ки айёми охирин ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар таълим бо кинаи даҳшатангез қайд хоҳанд шуд; сарчашмаи бузург барои Тимотиюс Каломи Худо мебошад. Ва дар охир ҳавворӣ Тимотиюсро даъват мекунад, ки исроркорона хизмат карда, суботкорона ва пуртоқатона Каломро мавъиза кунад, дигар хел карда гӯем, ба андозаи пурра вазифаи худро иҷро кунад.

## Нома ба Титус

Дар фосилаи миёни ду зиндоншавии румии худ Павлус барои дар калисо ҷорӣ кардан ва нигоҳ доштани тартиб Титусро дар Крит монд. Дар нома ба Титус якчанд шартҳо барои тартиби калисо номбар карда мешаванд. Пеш аз ҳама усқуфҳо, яъне шубонҳо, бояд дорои хусусиятҳои муайян бошанд. Сониян, муаллимони дурӯғин бояд фош карда шаванд. Сеюм, бояд таълимоти солим дошт. Ва ниҳоят, муқаддасон бояд ба сардорон ва ҳукуматдорон итоат намоянд ва амалҳои нек ба ҷо оварда, вақташонро беҳуда сарф накунанд.

## Нома ба Филемӯн

Дар китоби мазкур се қаҳрамони асосӣ ҳастанд: Филемӯн, Онисимус ва Павлус. Филемӯн шахси масеҳӣ ва дӯсти наздики Павлус буд. Вай дар Қӯлассо умр ба сар мебурд. Онисимус ғуломи

гурехтае буд, ки ба Рум омада, он ҷо дар зиндон бо Павлус вохӯрд ва ба воситаи ҳавворӣ наҷот ёфт. Дар ин нома Павлус аз Филемӯн хоҳиш мекунад, ки Онисимусро аз нав қабул кунад, аммо акнун на ҳамчун ғуломро, балки чун бародарро дар Масеҳ. Павлус пешниҳод мекунад, ки барои тамоми зараре ки Онисимус расондааст, талофӣ хоҳад дод, ва ба Филемӯн мегӯяд: “Онро ба ман ҳисоб кун”. Бешубҳа, ин тасвири бисёр хуби Инҷил буда, нишон медиҳад, ки чӣ тавр Масеҳ гуноҳҳои моро бар Худ гирифт.

**Варақаи санҷиши 11**

Шумо чиро дар хотир нигоҳ доштед?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодурустро” қайд намоед:*

1 Имрӯзҳо Худованд ба халқи Худ аз баракатҳои моддӣ дида, бештар баракатҳои рӯҳонӣ ато мекунад. Д Н

2 Дар Нома ба эфсӯсиён Павлус ба масеҳиён мегӯяд, ки онҳо қобилият ва истеъдодҳояшонро барои барпо кардани некӯаҳволии оилавӣ истифода намоянд. Д Н

3 Яке аз сабабҳои Номаро ба филиппиён навиштани Павлус изҳори миннатдорӣ барои ёрии пулӣ буд. Д Н

4 Мавзӯи асосии Нома ба қӯлассиён ошкор кардани Шахсият ва бартарии Худованд Исои Масеҳ аст. Д Н

5 Мавзӯи омадани Масеҳ тамоми Номаи якум ба таслӯникиёнро фаро мегирад, ва дар ҳар боб Павлус боз ва боз ин мавзӯъро аз худи ҳамон нуқтаи назар ва бо худи ҳамон мақсад ошкор мекунад. Д Н

6 Аз ҷониби таслӯникиён ғалат фаҳмидани рӯзи Худованд боиси он гардид, ки Павлус ба онҳо Номаи дуюмро нависад. Д Н

7 Дар Номаи якум ба Тимотиюс Павлус хусусиятҳоеро номбар мекунад, ки усқуфҳо ва ходимон бояд дорои онҳо бошанд. Д Н

8 То дами дуюм бор дар Рум зиндонӣ шудани Павлус бидъаткорӣ[1] дар калисо чуқур реша давонд. Бинобар ин ҳайратангез аст, ки Номаи дуюми Павлус ба Тимотиюс тамоман дар бораи муртадӣ зикр намекунад. Д Н

9 Нома ба Титус ва Номаи якум ба Тимотиюс бисёр чизи умумӣ доранд. Д Н

10 Нома ба Филемӯн тасвири бисёр хуби Инҷил мебошад. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои мазкур ҷойгир шудаанд.*

[1] Бидъаткорӣ - риоя накардани қоидаҳои умумӣ, каҷравӣ

## Дарси 12

### БЕДОР ВА ИНТИЗОР БОШ

## Нома ба ибриён

Муаллифи ин нома номаълум аст. Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки онро Павлус навиштааст. Аммо гуфтан беҳтар мебуд, ки мо маълумоти боэътимод надорем.

Мақсади номаи мазкур фаҳмост. Бисёриҳо аз ононе ки аввалин шуда дар бораи имони масеҳӣ фаҳмиданд, яҳудиён буданд. Онҳо мавъизаи Инҷилро шунида, шавқ пайдо карданд. Баъзеҳо ҳатто ба Масеҳ имон оварданд. Аммо оддӣ будани масеҳият бо расму оинҳои рангоранги дини яҳудӣ ҷиддияти ҳайратангез дошт. Бинобар ин аксари онҳо ба васвасаи дур шудан аз Масеҳ, ки барои онҳо ноаён аст, афтода, ба маъбад, ба қурбонгоҳ, коҳинон ва қурбонӣ, ки онҳо ин чизҳоро дида метавонистанд, баргаштанд. Дар натиҷа муаллифи нома бартарии масеҳиятро дар пеши ҳар он чи ягон вақт вуҷуд дошт, нишон медиҳад. Масалан, ба ҷои дар пеши хаймае саҷда бурдан, ки бо дасти одамизод сохта шудааст, мо бо имони худ ба ҳузури Худо дар осмон ворид шуда, дар он ҷо хизматгузорӣ мекунем. Ба ҷои доштани коҳине, ки гунаҳкор буда, ягон рӯз мемурад, мо Саркоҳини Бузурги муқаддас, бегуноҳ, беайб дорем, ки ҷовидона хоҳад зист. Дигар хел карда гӯем, моҳияти дини яҳудӣ аз чизҳои аён иборат

аст, ки муваққатӣ ва нопурра ҳастанд. Инҳо танҳо сояҳо ва рамзҳои тасвири Шахсият ва аъмоли Масеҳ ҳастанд. Моҳияти масеҳият, агарчи диданашаванда бошад ҳам, ҳақиқӣ ва ҷовидонист. Онро бо имон дидан мумкин аст, ва бидуни чунин имон ба Худо писанд омадан ғайриимкон аст.

## Номаи ҳавворӣ Яъқуб

Номаи Яъқуб (эҳтимол, бародари Худованди мо) ба масеҳиёни яҳудӣ, ки дар тамоми замин пароканда шудаанд, аз ҳама аввалин номаи Аҳди Ҷадид ҳисоб мешавад. Эҳтимол, он дар рӯзҳои якуми мавҷудияти калисо, вақте аъзёни асосии он яҳудиён буда, дар он анъанаҳои яҳудӣ бартарӣ доштанд, навишта шуда буд. Нома маслиҳатҳоро барои ҳаёти амалии имондорон дар бар гирифта, барои чунин гуноҳҳо, ба монанди тафовути синфӣ, идора карда натавонистани забон, ҳасад, кашмакашиҳо ва зулм кардан ба бенавоён сарзаниш мекунад.

Яъқуб фарқро байни имоне ки танҳо дин аст ва имоне ки дар корҳои нек зоҳир мегардад, таъкид мекунад. Вай ба таълимоти Павлус дар бораи он ки мо танҳо ба воситаи имон наҷот меёбем, зид намебарояд, балки мегӯяд, ки имони ҳақиқӣ бе корҳои нек мурда аст.

Нома бо даъвате ба охир мерасад, ки муқаддасон дар азобҳо пуртоқат буда, барои якдигар дуо гӯянд.

## Номаи якуми Петрус

Номаи якуми Петрус ба масеҳиёни яҳудӣ дар Осиёи Хурд, ки аз боиси таъқиботи доимӣ сахт азият мекашиданд, навишта шуда буд. Ин мактуб номаи умед аст. Масеҳӣ метавонад аз паси уқубатҳо ҷалолро бинад. Барои имрӯз марҳамати Худо барои ҳар эҳтиёҷ кофист. Барои оянда сарвати масеҳӣ бефаност – ин хуни наҷотдиҳандаи Масеҳ, Каломи Худо ва мероси оянда мебошад; ҳама ин бо таъқибот аз вай зӯран кашида шуда наметавонад.

Бинобар ин ҳаввори муқаддасонро даъват мекунад, ки устувор бошанд, азобро чун зарурати муваққатӣ ва фоиданок қабул намоянд, ва на барои гуноҳҳои худ, балки барои корҳои нек уқубат кашанд. Вай онҳоро рӯҳбаланд мекунад, ки аз Масеҳ ибрат гирифта, ҳаёти одилона ба сар баранд ва ба онҳо чун ба шаҳрвандон, ғуломон, шавҳарон ва занон насиҳатҳои махсус медиҳад, зеро охират наздик аст.

## Номаи дуюми Петрус

Номаи дуюми Петрус, чун номаи дуюм ба Таслӯникиён ва номаи дуюм ба Тимотиюс низ, ҳолати Калисоро дар айёми охир, вақте дар ҷаҳони масеҳӣ таназзули (вайроншавии) пурра фаро мерасад, тасвир мекунад.

Дар боби якум ҳаввори парваридани феъли масеҳиро хоҳиш мекунад, зеро Малакути Худо

вақте меояд, ки мукофотҳо аён мешаванд.

Боби Дуюм аз муаллимони дурӯғине огоҳ мекунад, ки бисёриҳоро гумроҳ хоҳанд кард, аммо худашон гирифтори маҳкумии ногузир мешаванд.

Дар боби охирин дар бораи он гуфта мешавад, ки дар айёми охир бехудоёне пайдо мешаванд, ки ҳақиқати омадани масеҳро инкор мекунанд. Петрус бори дигар таълимотро дар бораи омадани дуюми Масеҳ ва доварӣ бар ин ҷаҳон тасдиқ мекунад; вай имондоронро ба ҷидду ҷаҳд, қудсият, устуворӣ ва меҳрубонӣ дар партави омадани Ӯ даъват мекунад.

## Номаи якуми Юҳанно

Дар ин китоб ҳавворӣ Юҳанно хислатҳои хоси онҳоеро тасвир мекунад, ки аъзоёни оилаи Худо ҳастанд. Чунон ки хешу таборони як оила ба ҳамдигар хеле монананданд, фарзандони Худо низ аз бисёр ҷиҳат айнан ҳамон тавр монанд ҳастанд. Якчанд ҷиҳати монандиро меоварем:

- Онҳо на дар торикӣ, балки дар нур мераванд; ин маънои онро дорад, ки онҳо аз рӯи одат дигар гуноҳ намекунанд.
- Гуноҳ карда, онҳо ба он иқрор мешаванд, то муҳити хушбахтона ва оилавиро нигоҳ доранд.
- Онҳо ба аҳкоми Худо риоят мекунанд.

- Онҳо бародарони худро дӯст медоранд.
- Онҳо дар бораи Худованд Исо бо сухан ва амал шаҳодат медиҳанд.
- Онҳо Рӯҳулқудс доранд.
- Онҳо бар ҷаҳон ғолиб меоянд.

Нома ҳамчунин ақидаҳои бардурӯғеро ислоҳ менамояд, ки ба табиати одамӣ ва илоҳии Худованд Исо дахл дорад. Ӯ Худо ва Инсони комил аст. Ҳар гуна тасаввуроти дигар дар бораи Худо, ки ба шахсияти Масеҳ мувофиқ нестанд, бутпарастӣ ҳисоб мешавад.

**Номаи дуюм ва сеюми Юҳанно**

Муқоисаи ин ду нома шавқовар аст. Номаи дуюми Юҳанно огоҳӣ дар бораи муаллимони дурӯғин мебошад; ҳавворӣ маслиҳат медиҳад, ки дар пеши онҳо дарҳо баста шаванд.

Номаи сеюм, баръакс, ба имондорони ҳақиқӣ дахл дорад; масеҳиён бояд чунин шахсонро меҳмоннавозӣ карда, ба онҳо некӣ кунанд.

Дар номаи сеюм се шахс зикр ёфтаанд. Ғоюс барои парҳезгорӣ ва меҳмоннавозиаш таъриф карда мешавад. Диютрифасро Юҳанно дар ғурур сарзаниш мекунад. Димитриюсро бошад барои шаҳодати хуб доданаш таъриф мекунад.

**Номаи Яҳудо**

Дар Номаи Яҳудо дар бораи гуноҳи муртадӣ

гуфта мешавад. Ин гуноҳ аст, вақте одамон ҳақиқатро медонанд, аммо онро инкор мекунанд. Вай барои тасвир намудани ҷазои муртадӣ се мисолро истифода мебарад; муртадии исроилиён, фариштагони афтода ва шаҳрҳои Садӯм ва Амӯро. Сипас вай дар бораи се хели гуноҳ дар мисоли се шахси Аҳди Қадим зикр менамояд:

Қобил – дини бофтаи одамон ва нафрат ба халқи Худо.

Билъом – иҷрои хизмат барои мукофоти пулӣ.

Қӯраҳ – беитоатӣ ба иродаи Худо. †азо барои тамоми ин се гуноҳ ногузир аст. Масеҳиён бояд худро дар имон, дуо, муҳаббат, интизоршавии омадани Худованд тарбият кунанд.

**Ваҳй**

Ваҳйи Худованд Исои Масеҳ, ки ба воситаи ҳаввории Юҳанно дода шудааст, ба оянда дахл дорад, вақте дар замин тамоми ниятҳои Худо иҷро шуда, Ӯ осмон ва замини навро меофарад. Тартиб додани нақшаи китоби мазкур фоиданок мебуд.

Бобҳои 1-3 ҳафт мактубро ба калисоҳои Осиё дар бар мегирад. Агарчи ин номаҳо ба калисоҳо дар замони Юҳанно фиристода бошанд ҳам, яқин аст, ки онҳо тасвири муфассали калисоро дар давоми тамоми давраи таърихӣ медиҳанд ва ҳатто ҳолати онро ҳангоми дубора баргаштани Масеҳ пешгӯӣ менамоянд.

Бобҳои 4-5 ба мо тасвири муқаддасонеро дар

осмонҳо ошкор мекунад, ки назди тахт ҷамъ омада, Барраро ҷалол медиҳанд. Бисёриҳо имон доранд, ки ин пас аз он рӯй хоҳад дод, ки Масеҳ омада, халқи Худро ба хона мебарад.

Бобҳои 6-19 ҷазоҳои даҳшатнокеро тасвир мекунанд, ки ба сари ҷаҳони беимон дар даврае ки чун давраи мусибати бузург маълум аст, хоҳанд омад. Ҳангоми тасвир кардани ин ҷазоҳо Юҳанно чунин рамзҳоро, монанди ҳафт мӯҳр, ҳафт карнай ва ҳафт коса истифода мебарад. Дар охир Худованд Исо зоҳир мешавад, то тамоми душманони Худро нобуд кунад.

Бобҳои 20-22 дар бораи подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ дар замин нақл мекунанд. Дар ин замон шайтон дар варта занҷирбанд хоҳад шуд. Дар охири подшоҳии заминии Масеҳ Ӯ бадкорони тамоми замонҳоро доварӣ хоҳад кард, ва онҳо ба кӯли оташин андохта хоҳанд шуд. Ва он гоҳ осмони нав ва замини нав хоҳад шуд. Халқи бегуноҳ ва намирандаи Худо то абад бо Ӯ дар шодии доимии хоҳад зист.

Қайд кардан шавқовар мебуд, ки китоби охирини Аҳди Қадим бо калимаи "таҳлука" ба охир мерасад, дар ҳоле ки Аҳди †адид бо калимаи баракат анҷом меёбад: "Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод. Омин".

Сабаби ин он аст, ки дар миёни ҳар дуи ин аҳдҳо салиби †олҷото меистад.

**Варақаи санҷишии 12**

Шумо чиро дар хотир нигоҳ доштед?

*Дар тарафи рости варақ дар ҳошия баёноти “дуруст” ё “нодуруст”ро қайд намоед:*

1 Муаллифи Нома ба ибриён, бешубҳа, ҳавворӣ Павлус мебошад. Д Н

2 Нома ба ибриён нишон медиҳад, ки маросимҳои аёни динии Аҳди Қадим амалан танҳо соя ва тасвирҳои Шахсият ва аъмоли Масеҳ буданд Д Н

3 Нуқтаи назари Яъқуб дар бораи сафед шудан ба воситаи корҳои нек ба таълимоти Павлус дар бораи сафед шудан ба воситаи имон мухолиф аст. Д Н

4 Петрус ҳангоми хизматгузории худ ба муқаддасони ҷафокаш мегӯяд, ки озмоишро чун зарурат қабул кардан лозим аст. Д Н

5 Дар Аҳди Нав фақат дар Номаи дуюми Петрус оид ба муртадии пурраи ҷаҳони масеҳӣ гуфта мешавад. Д Н

6 Яке аз аломатҳои хоси аъзои оилаи Худо будан, муҳаббат ба халқи Худост. Д Н

7 Дар Номаи сеюм ба Юҳанно Диютрифас таъриф карда мешаваду, Димитриюс бошад сарзаниш. Д Н

8 Дар Номаи Яҳудо асосан дар бораи муртадӣ гуфта мешавад. Д Н

9 Номаҳо ба ҳафт калисои Осиё аз ҷониби ҳаввориёни гуногун навишта шуда буданд. Д Н

10 Аҳди Қадим ва Ҷадид бо баёноти якхела ба охир мерасанд. Д Н

*Дар охири китоб ҷавобҳо ба саволҳои мазкур ҷойгир шудаанд.*